# ИҶЛОСИЯИ САРНАВИШТСОЗ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 13-14 (176-177) 15-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2022, СЕШАНБЕ





## ҶАВОНИРО ФИДО КАРДАМ, ДИЁРАМ ТО ҶАВОН БОШАД...

Бо камоли эҳтирому сарфарозӣ кулли ҳамватанони азиз, устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба шарафи ҷашни бошукӯҳи 30-юмин солгарди Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола рӯзи 16 ноябр дар Ватани азизамон ҷашн гирифта мешавад, самимона шодбош гуфта, барояшон тансиҳатии комил, саодати рӯзгор, барори кор ва комёбиҳои беназири илмию эҷодиро орзу дорам.

Дар воқеъ, баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд яке аз саҳифаҳои дурахшон ва дастовардҳои бузурги таърихии халқи шарафманди тоҷик дар оғози солҳои соҳибихтиёрӣ ба ҳисоб меравад. Зеро қарорҳои таърихӣ ва сарнавиштсози ин иҷлосия дар роҳи барқарорсозии сохти конститутсионӣ, эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати комил ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд саҳми беназир гузошта, заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои ба вуқуъ пайвастани дигаргуниҳои азим дар рӯзгори мардуми Тоҷикистон ба миён оварданд.

Бузургтарин дастоварди ин иҷлосияи тақдирсоз он буд, ки дар он ба бахти миллионҳо нафар тоҷикони рӯйи олам фарзанди бонангу номус, далеру ҷасур, покзамиру нексиришт ва ғурури баланди миллидошта, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари Давлат интихоб шуд. Ин фарзанди фарзонаи миллат бо як далериву ҷасорати бемисл масъулияти баланди роҳбариро ба дӯш гирифта, ба наҷоти миллату давлати тоҷикон камари ҳиммат баст. Дар натиҷаи азму талош, кӯшишу пайкорҳои бемисл ва хизмату заҳматҳои арзандаи шабонарӯзии ин шахсияти барҷастаи таърихӣ дар як муддати кутоҳи таърихӣ алангаи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуда, хатари парокандашавии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон сарбаландона рафъ карда шуд.

Соли равон аз замони баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол пур мешавад. Мардуми сарбаланду меҳанпараст ва тамаддунофари тоҷик бо шукргузорӣ аз даврони соҳибихтиёрӣ 30-юмин солгарди баргузории ин Иҷлосияи тақдирсозро дар фазои сулҳу субот ва созандагию бунёдкорӣ бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил менамоянд.

Боиси ифтихору шукргузорист, ки маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ, баракати Қонуни асосӣ ва собитқадамона амалӣ сохтани қарорҳои Анҷумани саодати миллат дар заминаи сиёсати хирадмандона ва ташаббусҳои созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ва фаъолияти давлатӣ дигаргуниҳои куллӣ ва таҳаввулоти бузург ба вуқуъ пайваста, барои таъмини зиндагонии арзанда ва пурнишоти сокинони кишвар, рушди бемайлони иқтисоди миллӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва боло бурдани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ шароити арзанда фароҳам оварда шуданд.

Пас, биёед ҳамдиёрону дӯстони азиз дар чунин марҳилаи ҳассоси таърихӣ бо назардошти вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ, ифтихори волои ватандорӣ, ҳисси баланди миллӣ атрофи сиёсати созанда, бомаром, бобарор ва дурбинонаи Сарвари маҳбуби давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуда, ҳамчун рамзи садоқат ба Тоҷикистони азиз ва Пешвои муаззами миллат барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва ободию пешрафти кишварамон содиқонаву софдилона хизмат намоем.

**Бо камоли эҳтиром,**
**декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Қурбонализода Н.Ш.**
номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, декани
факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид
ба илм ва иноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои рушди
иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа,
профессори кафедраи
назария ва таърихи давлат
ва ҳуқуқ, узви вобастаи
АМИТ;
**Саидзода Р.Ҳ.**
Вазири маориф ва илми ҶТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, ректори ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи гражданӣ,
академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорат, узви вобастаи
АМИТ.
**ШАРТҲОИ**
**ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда
намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times
New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ
шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи
муаллифон мувофиқ аст ва ақо-
иди мухталифро ба хотири риояи
чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳан-
ги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-
уми марти соли 2016 ба қайд
гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе,
Буни Ҳисорак, шаҳраки
Донишҷӯён, факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ, САНАДҲОИ



## ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ИҶЛОСИЯ

Бо амри таърих баъд аз ҳазор соли маҳрумӣ аз идоракунии мустақилонаи давлатдории худ миллати сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолору бунёдкори тоҷик 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти комили давлатиро ба даст овард. Зарур буд, ки ҷиҳати таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ Конститутсия ва рамзҳои давлатии кишвари соҳибистиқлол қабул гардида, дар мамлакат ислоҳотҳои амиқи сиёсиву ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ амалӣ карда шаванд, фаъолияти муназзаму муътадили мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шуда барои зиндагонии ҳар як сокини мамлакат шароити арзанда фароҳам оварда шавад.

Қисмат мардуми тоҷикро бо дарназардошти ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулотҳои босуръати солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ дар роҳи ҳифзу нигаҳдошти арзишҳои истиқлоли давлатӣ ба душвориву мушкилиҳои сангин мувоҷеҳ кард. Пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ба кандашавии робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои пасошуравӣ боис гардид. Ин омил тамоми самтҳои хоҷагии халқи мамлакатро ба бухронҳои шадиди сиёсиву иқтисодӣ дучор намуд.

Мутаассифона, дар натиҷаи мухолифатҳои шадиди сиёсӣ, бар асари мудохилаи ошкорои қувваҳои муайян аз хориҷи кишвар, ки зери шиори демократикунонии ҷомеа бо мақсади ба сари мардуми тоҷик таҳмил кардани мазҳабу фарҳанги бегона ва бунёди давлати исломӣ сурат мегирифт, оқибат Тоҷикистон ба коми оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуда ба хоҷагии халқи мамлакат ҳисороти азими иқтисодӣ ва талафоти ҷубронноподазири ҷониву маънавӣ расонида шуд.

Вазъияти баамаломада зарурати оҷилан андешидани тадбирҳои зарурӣро ҷиҳати хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини оромию субот, сарҷамъии миллат ва ба суйи ҳаёти муътадил раҳнамун кардани мардуми тоҷикро тақозо менамуд.

## ВОҚЕАИ ТАҚДИРСОЗ БАРОИ МИЛЛАТ

Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд яке аз саҳифаҳои дурахшон ва дастовардҳои бузурги таърихии халқи тоҷик дар оғози солҳои соҳибихтиёрӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин марҳилаи сарнавиштсоз баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои ба вуқуъ пайвастани дигаргуниҳои азим дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон ба миён овард.

**Маврид ба зикр аст, ки иҷлосияи мазкур аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 идома ёфта дар рӯзномаи он 23 масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар иҷлосия 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул шуданд, ки минбаъд онҳо дар ба низом даровардани вазъи сиёсиву ҳуқуқии кишвар, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ саҳми арзишманд гузоштанд.**

Мувофиқи рӯзномаи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 19 ноябри соли 1992 масъалаи “Дар бораи интихоби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Дар натиҷаи овоздиҳи пинҳонӣ аз шумораи 197 вакилони мардумӣ 186 вакил номзадии Эмомалӣ Шарифович Раҳмоновро ҷонибдорӣ карданд ва ӯ Раиси Шурои Олии мамлакат интихоб гардид.

Аз лаҳзаҳои аввали оғози фаъолияти корӣ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро баҳри таъмини сулҳ, оромӣ, ризоияти миллӣ, гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, қатъ кардани ҷанги шаҳвандӣ ва ба ватан баргардонидани фирориёни иҷборӣ оғоз карданд. Аз ҷумла, зимни аввалин баромади хеш аз минбари баланди ин иҷлосияи таърихӣ ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки тарафдори бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд буда, тамоми донишу таҷрибаи хешро барои дар ҳар хона ва оила барқарор кардани сулҳ ва ба Ватан баргардонидани охирон гуреза равон карда, агар лозим шавад барои расидан ба ин ният ҷон нисор мекунам.

## ҲУҶҶАТҲОИ САРНАВИШТСОЗ

**Қабули як қатор қонуну қарорҳои дахлдор дар иҷлосия, аз қабили Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд”, “Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992”, “Дар бораи гурезагон”, “Дар хусуси тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи амволи онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд” ва Қарорҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиат ба мамлакатҳои ИДМ оид ба дохил кардани қувваҳои сулҳхоҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон; Дар хусуси тасдиқи фармони и.в. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ кардани вазъияти фавқуллода ва қоидаҳои шабгардӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе», “Дар бораи Муроҷиатномаи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳзоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо, ба тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ”, “Дар бораи гуфтушунид бо тарафҳои мухолиф ба посёлкаи Айваҷ фиристодани гурӯҳи депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи ҳимояи иҷтимоии шахсоне, ки дар мухолифати мусаллаҳона дар минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ зарар дидаанд” шаҳодати равшани иқдомҳои шоиста ва саривақтии Сарвари давлат ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ ва хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон дар иҷлосия бо мақсади барқарор сохтани рукнҳои давлатдории миллӣ Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардиданд, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол соҳиби рамзҳои мустақили давлатдории худ гардид.**

Қарорҳои таърихӣ ва сарнавиштсози иҷлосияи мазкур минбаъд дар самти бунёди рукнҳои давлатдорӣ, қабули Конститутсия, ба даст овардани ваҳдати миллӣ, ба ҳам овардан миллати тоҷик, имзои созишномаи истиқрори сулҳ, зинда гардонидани ҳофизаи таърихӣ ва рушди бемайлони ҳамкориҳои байналмилалӣ нақши бағоят муҳим гузоштанд.

Аз ҷумла, дар заминаи қарорҳои ҳамин иҷлосия 6-уми ноябри соли 1994 бори нахуст аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо дастгирии аксарияти шаҳрвандони кишвар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Қабули он низ аз дастовардҳои бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибихтиёрии давлатӣ маҳсуб меёбад. Зеро Конститутсияи кишвар дурнамои пешрафти Тоҷикистонро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд муайян карда, тамоми орзуву ормон ва ҳуввияти озодихоҳиву озодиандешии



# САРНАВИШТСОЗ ВА РОҲБАРИ ОЯНДАСОЗ

мардуми тоҷикро дар худ ифода намуда, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани шароити арзандаи зиндагонии босаодати ҳар фард заминаи мусоидро фароҳам овард. Ҳамзамон, хотирнишон бояд сохт, ки дар ҳамин рӯз аввалин маротиба бо дарназардошти Конститутсияи замони соҳибихтиёрӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби шаҳрвандони қадршиноси мамлакат ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Бо дарназардошти зарурат ва ба талаботи рушди замон мувофиқ гардонидани воқеияти ҳаёти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ислоҳоти конститутсионӣ амалӣ карда шуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағироту иловаҳо ворид карда шуданд. Аз ҷумла, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳои ворид карда шуда барои ҳифзи манфиатҳои миллат, давлати тоҷикон ва таъмину амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароитҳои арзандаро ба миён оварданд. Мазмуну моҳияти тағйироту иловаҳоро ба Қонуни асосии кишвар, пеш аз ҳама таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ; таъмини рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа; баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагониии мардум; мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояи ҳифзи онҳо; таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ; мутобиқ гардонидани матни Конститутсия ба қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ва истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медоданд.

Барои амалисозии шоҳкориҳои азим, ислоҳотҳои иқтисодиву иҷтимоии таъминкунандаи зиндагонии арзандаи сокинони мамлакат ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфиди байналмилалӣ ҷанги шаҳрвандӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекард. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти Давлату Ҳукумати мамлакатро дар он шабу рӯз ҳарчи тезтар хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, ба ҳам овардани миллати тоҷик ва рӯй овардан ба корҳои созандагию бунёдкорӣ ташкил медод. Дар робита ба ин масъала яке аз саҳифаҳои муҳиму дурахшони таърихи навини давлати ҷавони Тоҷикистонро ин ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ташкил медиҳад, ки қабули он низ маҳсули ҳамин Иҷлосияи таърихист. Пас аз баргузории чандин даври музокирот ва гуфтушуниди сулҳи тоҷикон дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад, Москва, Теҳрон ва Ҳусдеҳи Афғонистон миёни намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди неруҳои мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии нозирони байналмилалӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия созишномаи мазкур ба имзо расонида шуд. Воқеан санаи 27 июни соли 1997 дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол абадан бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд. Ба имзо расидани созишномаи мазкур як гардиши куллиеро дар роҳи расидан ба ваҳдати сартосарӣ, таъмини сулҳи деринтизор ва амалисозии ислоҳотҳои низоми давлатдорӣ рӯйи кор овард.

## РОҲБАРИ ОЯНДАСОЗ

Хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва эҳтироми суннату арзишҳои миллӣ, зинда гардонидани номи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, муттафакирони оламшумули тоҷику форс, чеҳраҳои шинохтаи динӣ ва аҳли илму адаб беназиранд. Иқдомҳои амалинамудаи Пешвои миллат дар ин ҷода беихтиёр ба шинохт ва эътирофу эҳтироми дастовардҳои таърихии миллати тоҷик, гиромидошти мероси бою пурғановати ниёгонамон, густариши ҳуввияти миллӣ ва боло рафтани ғуруру нангу номуси меҳанпарастӣ мусоидат намуданд.

Миллати тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон – шахси хирадманду дурандеш, роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил ва Пешвои ҳақиқии хешро пайдо намуд. Дар воқеъ таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош, хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасаввур кардан имконнопазир аст. Бояд ҷавонмардона эътироф намуд, ки ба зима гирифтани масъулият ба кори давлатдориву давлатсозӣ дар ҷойи хушку холӣ, бе заминаҳои муайяни устувори молиявию моддӣ, иқтисодиёти фалаҷгашта саҳлу осон набуд. Танҳо нафаре метавонист ба ин корҳо дастболо шавад, ки бо дарки ғуруру ҳуввияти баланди миллӣ тамоми ҳастиву вуҷуди хешро ба миллату сарзамини хеш фидо кунад.

Итминон дорем, ки кохи муҳташами сулҳи тоҷикон, ки бевосита бо дастони ин чеҳраи сиёсии эътирофшудаи сатҳи байналмилалӣ бунёд шудааст, ҳазорсолаҳо бегазанд хоҳад монд. Аминем, ки таҷрибаи бузурги сулҳоварӣ ва давлату миллатсозии Пешвои тоҷикони ҷаҳон садсолаҳо мавриди омӯзиш, пазириш ва таваҷҷуҳи ҳамешагии давлатҳои олам ва аҳли башар қарор хоҳанд гирифт.



**Изатулло МАҲМУДОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**



# САИДЗОДА ҲИКМАТУЛЛОРО ТАБРИК МЕГӮЕМ!

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ боргоҳи боҳашами илму маърифат дар омода ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси ҳуқуқшинос саҳми аришманди худро мегузорад. Чунончӣ санаи 10-уми ноябри соли 2022 мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода Ҳикматулло бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вазифаи сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ин вазорат таъйин гардиданд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос” Саидзода Ҳикматуллоро ба муносибати таъйин шуданашон ба ин вазифаи масъулиятнок табрик намуда, ба ӯ сарбаландӣ, нусрату зафар ва барору комёбиро дар фаъолияти минбаъда таманно менамоянд.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИР**







# ЗАМИНАҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ БАРГУЗОРИИ «РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ»



Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа

**Пас аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 14 майи соли 2016 нахустин маротиба дар мамлакат 16 ноябр ҳамчун «Рӯзи Президент» муайян карда шуд. Он ҳар сол бо фарогирии барномаҳои муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ дар саросари мамлакат таҷлил карда мешавад.**

*Дар баробари 83 рӯзи ид, ки тибқи қонуни болозикр муайян гардидаанд, ҷашн гирифтани Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоссаи таърихӣ ва сиёсиву ҳуқуқӣ дорад.*

Дар ин рӯз (16 ноябри соли 1994) баъди дар интихоботи умумихалқӣ пирӯз гаштан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 21-уми Шӯрои Олии ҶТ, даъвати дувоздаҳум тантанавор савганд ёд карда, ба сифати Президенти ҷумҳурӣ фаъолияти худро оғоз намуданд. Санаи мазкур рӯйдоди муҳимми таърихӣ ба шумор рафта, халқи Тоҷикистон онро ҳамчун Рӯзи Президент ботантана таҷлил менамоянд.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ ҷашн гирифтани «Рӯзи Президент» ё «Сардори давлат» ба ҳукми анъана даромада, дар давлатҳои пешрафтаи дунё низ таҷлил карда мешавад. Аз ҷумла, дар Қазоқистон 1 декабр Рӯзи Президент ҷашн гирифта мешавад.

Дар ИМА душанбеи сеюми моҳи феврал рӯзи истироҳатӣ эълон шудааст. Дар ин рӯз, дар кишвар Рӯзи Президентро ҷашн мегиранд. Ин ид аз соли 1885 инҷониб бахшида ба Президенти нахустини ИМА – Ҷорҷ Вашингтон таҷлил карда мешавад.

Дар Исландия Рӯзи Президент 14 май ҷашн гирифта мешавад. Иди мазкур ба рӯзи таваллуди Президенти панҷум-Олавур Рагнар Гримссон бахшида шудааст. Дар ин рӯз дар Исландия парчами давлатӣ бардошта шуда, чорабиниҳои фарҳангӣ бо сайругашти оммавӣ доир карда мешаванд.

Таҷрибаи байналмилалии баргузории Рӯзи Президент собит менамояд, ки муқаррар намудани ин ҷашн аз корнамоиҳои шахсиятҳои таърихӣ ва сиёсӣ, ки ба бунёди низоми давлатдорӣ ва эҳёи ниҳоди президентӣ замина гузоштаанд, ташаккул ёфтааст.

Баргузории Рӯзи Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корнамоиҳои Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагии амиқ дошта, дар бунёди ниҳоди президентӣ ва ба ин васила дар ташаккули давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ гузоштааст.

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ПАДИДАИ ПРЕЗИДЕНТӢ

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди президентӣ падидаи нави сиёсиву ҳуқуқӣ мебошад, ки дар он Президент — сардори давлат ва ҳокимияти иҷроия эътироф гардидааст. Бинобар ин, вожаи «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба мафҳуми сардори давлат ва ҳокимияти иҷроия омада, ба шакли классикии ин ниҳод мувофиқ мебошад.

Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон тибқи моддаи 1 Қонун «Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти ҶШС Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ»-ро 29 ноябри соли 1990 қабул кард ва мувофиқи он вазифаи Президенти ҶШС Тоҷикистон таъсис дода шуда, ӯро сардори ҷумҳурӣ эълон намуд.

Имрӯз мувофиқи моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад» ва дар моддаи 100 «шакли идораи ҷумҳурӣ тағйирнопазир аст», муқаррар гардидааст. Чунин муқаррарот дар сатҳи Конститутсия аз вобастагии амиқи низоми идоракунии давлатӣ ба шакли идораи президенӣ ва рушди минбаъдаи он асос мегирад.

Ҷиҳати таҳкими низоми идоракунии президентӣ ва тақвияти он дар кишвар заминаҳои муайяни ҳуқуқӣ гузошта шудаанд. Аз ҷумла, қабули санадҳои қонунгузории зерин бобати мукаммалии андешаҳои болозикр мусоидат менамоянд:

**– Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» аз 21 июли соли 1994, №1042;**

**– Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи таъминоти иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва муҳофизати Президенти ҶТ» аз 14 ноябри соли 2016, №1357;**

**– Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои Президенти ҶТ» аз 28 июли соли 2006, №192;**

**– Қонуни ҶТ «Дар бораи савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбӣ барои содиқат ба Президенти ҶТ» аз 15 ноябри соли 2006, №205.**

Дар маҷмӯъ, хулоса намудан мумкин аст, ки идоракунии шакли президентӣ ба мо барои вазъи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун бунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар инсон мусоидат намуд.

## ПРЕЗИДЕНТ – КАФИЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ МИЛЛӢ

Дар асоси муқаррароти моддаи 64 Конститутсияи ҶТ Президент ҳомии Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, муратtabии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавозуни устувори рукнҳои давлатӣ – ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ буда, ҳамчун кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, муратtabии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи минбаъдаи ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҶТ, сохтори мақомоти марказии иҷроияи ҶТ-ро тасдиқ карда, ҳамзамон вазифаҳои онҳоро дақиқан муқаррар менамояд.

Мояи сарфарозист, ки мо дар арафаи таҷлили ҷашни шукӯҳманди Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Ҳанӯз 28 сол муқаддам, 16 ноябри соли 1994 Эмомалӣ Раҳмон дар маросими расман шурӯъ кардан ба иҷрои вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба халқи Тоҷикистон савганд ёд карда, ваъда дода буданд, ки тамоми кӯшишу ҳастии хешро ба сарсабзию хуррамӣ ва пешрафти давлату миллати тоҷик равон хоҳанд кард.

Гузашти солҳо собитқадамона исбот намуд, ки ҳар он чизеро, ки Сарвари давлат ба миллати хеш ваъда карда буданд, фароҳтар ва бештар аз он иҷро намуданд.

Пас биёед ҳамдиёрони азиз, дар чунин марҳилаи хассоси таърихӣ бо назардошти вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва авзои ноороми сайёра бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ, ифтихори волои ватандорӣ, ҳисси баланди миллӣ дар атрофи сиёсати созанда, бомаром, бобарор ва дурбинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам муттаҳид шуда, ҳамчун рамзи садоқат ба Тоҷикистони азиз, миллати тамаддунофар ва Сарвари маҳбуби давлат барои наслҳои оянда ва ободию пешрафт содиқонаву софдилона хизмат намоем.



# ҲОМИИ БУЗУРГИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ



**Ҳарчанд ки 31 сол дар кори давлатдорӣ муддати тулонӣ нест, аммо мо метавонем дастовардҳоеро, ки дар ин даврaи давлатдории навинамон муяссарамон гардид, бузург арзёбӣ намоем. Дар ибтидои ин дастовардҳо, албатта, Истиқлоли давлатӣ меистад, ки барои ҳама халқу миллати дунё бузургтарин неъмат эътироф мешавад.**

Ин падидаи бузурги сиёсиро мардуми кишвари азизамон бо шодию сурури беинтиҳо истикбол намуд. Аммо боиси таассуф аст, ки бадхоҳони миллати шарифи мо тавонистанд бо ҷалби як иддаи беҳувият миёни мардуми сарчамъи мо тафриқа биандозанд. Оташи ҷанги тахмилии шаҳрвандӣ аланга зад ва кишвари сарсабзу ободи моро ба коми худ кашид. Бо ба миён омадани парокандагӣ, даргир шудани тарафҳо, баланд шудани садои тир қалби пирони рӯзгордида аз оху ҳасрат лабрез гашт, нолаву фиғони ҷонсӯзи модарони азиз баланд гардиду ашк рухсораҳояшонро шуст, кӯдакону наврасон ба вартаи яъсу навмедию тарсу ҳарос афтоданд.

Дар ҳамин шабу рӯз Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват гардид. Тақдири ояндаи давлати ба тозагӣ соҳиби истиқлолшудаву худро ба ҷаҳониён мустақил эълоннамуда ба Иҷлосияи мавриди назар сахт вобаста буд. Роҷеъ ба масъалаҳои баррасишаванда назару диди намояндагони мардумӣ яксон набуд. Ҳанӯз ҳам ғаразҳои гурӯҳию ҳизбию маҳаллию мазҳабӣ ҷо доштанд. Аммо дар ин миён намояндагоне буданд, ки манфиатҳои миллиро аз ҳама болотар мегузоштанд ва хушбахтона аксариятро ташкил медоданд. Чун масъалаи аз нав интихоб намудани Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад ва намояндаи мардумӣ Эмомалӣ Раҳмон, ки то ин замон бо ҷасорату масъалагузории саривактию бепардагӯию суханрониҳои нишонрасаш дар миёни мардум шуҳрат дошт, номзад пешбарӣ шуд, шиддати зиддияти андешаҳо ба якбора коҳиш ёфт. Зеро намояндагони мардумӣ бар ин назар буданд, ки фарди арзанда пешниҳод гардидааст ва хато накарданд.

**Хуб дар хотир дорем аввалин суханронии Раиси тозаинтихоби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз минбари Иҷлосия, ки Парчамро бӯсиданд. Бо ин ки он лаҳзаҳо моро эҳсоси шодию нишот фаро гирифта буд, ашки шодӣ мерехтем. Зеро дар симои Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши хешро медидем ва эътимоди комил доштем, ки воқеан ҳам бароямон сулҳро ба армуғон меоранд.**

Роҳбари тозаинтихоби тоҷикон зимоми давлатдориро, кишваре, ки тамоми сохторҳояш фалаҷ шуда буд, ба дасти хеш гирифтанд. Масъалае, ки ҳар чи зудтар бояд роҳандозӣ мешуд, ин ба мардум фаҳмонидани ҳолати ҳукмфармо, фаҳмонидани оқибатҳои ногувори парокандагӣ, ба даст овардани боварию эътимоди мардум буд. Маҳз санъати баланди суханварӣ, вазъро хуб дарк карда тавонистан,ояндабину дурандеш будани Роҳбари давлат буд, ки халқи порагашта аз нав ба ҳам омад.

Баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ аз масъалаҳои муҳимми дигаре буд, ки бояд фавран ҳалли худро меёфт. Роҳу васила ҷустуҷӯ карданд, намояндагони хешро фиристоданд ва билохира ба мақсади наҷиби инсонпарваронаи хеш расиданду ин кори савоброро низ бо рӯсурхию шарафмандӣ ба анҷом расониданд. Беш аз як миллион ҳамватанони мо аз дарди гарони ғарибӣ ва фақирию бечорагӣ наҷот ёфтанд.

Сари мизи музокирот хондани тарафи дигари даргир дар он айём аз иқдомоти дигари Роҳбари давлатамон буд, ки барои пойдории давлати азизамон накши басо бориз дошт. Манфиати давлату миллати хешро аз ҳама, ҳатто аз ҷони хеш боло гузошта, ба хушдору огоҳию монеаи атрофиён нигоҳ накарда, ба хотири рӯ ба рӯ суҳбат оростан бо роҳбари мухолифин ба Афғонистон, ки нооромӣ дар он ҷо ҳукмфармо буду сар задани ҳама гуна ҳодиса аз эҳтимол дур набуд, сафар намуданд. Ин мулокот барои музокиротро миёни тарафҳо, ки наздик ба чаҳор сол идома ёфт, замина гузошт. Гоҳо музокираҳо тезутунд мегузашт ва ҳатто ҳолатҳое буд, ки бенатиҷа анҷом меёфт. Роҳбари давлат ҳамеша ҷониби ҳукуматро ба сабру таҳаммулу шикебоӣ ва гузашт кардан талқин намуда, музокиротро барои миллат сарнавиштсоз арзёбӣ мекарданд. Билохира 27-уми июни соли 1997 Созишномаи Истиқрори сулҳ дар шаҳри Маскав ба имзо расид. Бо муяссар гардидани сулҳу суботу оромишу осудагӣ мардум аз нав ба зиндагӣ дилгарм гардиданд.

**Дар ибтидои даврони соҳибистиқлолӣ дар баробари қабул гардидани рамзҳои давлатӣ зарурати дар коркарди нав қабул намудани Конститутсияи кишвар аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба миён омад. Бо қабули он ба мувофиқ ба талаботи он ба тасвиб расидани дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ волоияти қонун дар ҷомеа таъмин гардид. Инро метавон падидаи муҳими дигар дар ҳаёти сиёсии кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ баҳогузорӣ кард.**

Бар асари пошхӯрии давлати шуравӣ ва аз миён рафтани низоми ягонаи таъмини барқ давлати мо ба камбуди қувваи барқ мувоҷеҳ шуд. Роҳбари хирадпешаи мо ҳамеша мардумро дилпур месохтанд, ки ҳолати ба миёномада муваққат аст ва роҳи ҳалли он, албатта пайдо мешавад. Дар ибтидо бунёди неругоҳҳои хурди обӣ, ҳамзмон НБО Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2 оғоз ёфтанд. Мушкили мавҷуда то ҷое ҳалли худро ёфт. Аммо ин оғози кор буд. Сарвари давлат ба мардум рӯ оварда, НБО "Роғун"-ро иншооти аср баҳогузорӣ карда, даъват ба миён оварданд, ки ба ҳар сурате бошад, бояд ҳатман сохта ва ба истифода дода шавад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ забони тоҷикӣ аз чаҳорчӯби маҳдудияти ҳафтодсола раҳо ёфт. Бо назардошти вазъи ҳукмфармо зарурати аз нав қабл гардидани Қонуни забон ба миён омад. Роҳбари давлат изҳор доштанд, ки забони тоҷикӣ дар ҳимояи давлат қарор дорад. Маҳз бо супориши онҳо корбарӣ дар тамоми муассисаҳо ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуд. Барои рушду густариши он заминаи мусоид фароҳам омада, барои ба низом даровардани корбурди калимоту истилоҳот ва тадриҷан ба забони илм табдил додани сохтори нав - Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҷиҳати густариши ҳарчи бештари забони тоҷикӣ ду дафъа барномаи давлатӣ қабул гардид. Дар ин давра бо мақсади арҷгузорӣ ба таърихамон ҳазорҳо номи маҳалу мавзеъ ба тоҷикӣ номгузорӣ шуданд. Барои гиромидошти хидмати бузурги абармардони миллат солгарди мелоди онҳо бо шукуҳу шаҳомати вижа таҷлил гардид.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ, тадриҷан, мушкилоту монеаҳои мавҷуда бартараф гардиданд, таҳкурсии давлати соҳибихтёр қавитар гардид, корҳои азими бунёдкориву созандагӣ ва ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ оғоз ёфта, дар ин самт натиҷаҳои дилхоҳ ба даст омад. Таъмини истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар ба самтҳои асосӣ ва стратегии сиёсати давлатӣ табдил дода шуд.

**Ҳама он чи дар мавриди хидматҳои бузурги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр гардид, муштест аз хирвор. Ҳамагон бо мо ҳамраъйю ҳамақидаанд, ки дар як муддати кӯтоҳ кишвари ҷангдидаи мо ба кишвари амну амон табдил ёфт, дар қатори кишварҳои рӯ ба рушд қарор гирифт, рӯз то рӯз ободтару зеботар мешавад, сифати зиндагии мо хубтару беҳтар мегардад ва итминон дорем, ки бо арҷгузорӣ ба ин сарҷамъию якдилӣ, ваҳдати миллӣ, муттаҳид будан дар атрофи Роҳбари давлатамон ва садоқату сарсупурдагӣ ба ин хоки муқаддасояндаи мо боз ҳам хубтару дурахшонтар хоҳад буд.**



**Барно САИДВАЛИЗОДА**
**сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ПРЕЗИДЕНТ – ТАҲКИМБАХШИ ҲАЁТИ ҲУҚУҚИИ ҶОМЕА



**Соли равон аз замони баргузории Анҷумани саодати миллат - Иҷлосияи XVI Шурои Олии ҶТ, ки дар таърихи навини давлатдори тоҷикон ҳамчун иҷлосияи тақдирсоз ва сарнавиштсоз унвон мешавад, 30 сол пур мешавад.**

Агар қабули як зумра санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқии ибтидои солҳои навадуми садсолаи гузашта, аз ҷумла Эъломияи соҳибихтиёрии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ва қарорҳои дахлдори Шурои Олии мамлакат аз 9 сентябри соли 1991 расман барои аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда бошанд, вале дар асл оғози давлатдории навини миллии тоҷикон дар замони соҳибихтиёрӣ бо маънои томаш аз ҳамин иҷлосияи таърихӣ сарчашма мегирад. Зеро, яке аз дастовардҳои бузург ва беназири иҷлосияи мазкур ин зуҳури фарзанди фарзонаи миллат, ҳуввияти баланди миллидошта, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Сарвари давлати тоҷикон аст.

Бе тардид, бояд эътироф кард, ки тамоми дастовардҳои Ватани маҳбубамон дар масири солҳои Истиқлоли давлатӣ дар тамоми самтҳои фаъолияти давлативу ҷамъиятӣ бевосита ба хизматҳои арзандаву беназир ва кӯшишу талошҳои хастанопазири Пешвои муаззами миллат иртибот доранд.

**Дар замони соҳибихтиёрии давлатӣ бо азму талош ва иқдому ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаёти ҳуқуқии кишвар дастовардҳои азим ба вуқуъ пайвастанд. Аз ин рӯ, ба хотири арҷгузорӣ ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола дар асоси Қонуни ҶТ “Дар бораи рӯзҳои ид” дар Ватани азизамон рӯзи 16 ноябр ҷашн гирифта мешавад, зарур мешуморем, то қатрае аз хизматҳои беканори Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар самт эҳё ва устувории ҳаёти ҳуқуқи ҷомеа манзури хонандагон гардонем.**

Яке аз хизматҳои беназири Сарвари давлат дар заминаи қарорҳои таърихии Иҷлосияи сарнавиштсоз мусоидат намудан ба ҳайси роҳбари гурӯҳи корӣ ин таҳия ва омода кардани лоиҳаи Конститутсияи кишвар ба ҳисоб меравад. 6-уми ноябри соли 1994 бори нахуст аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо дастгирии аксарияти шаҳрвандони кишвар Конститутсияи ҶТ қабул гардид.

Хизмати дигари таърихии Пешвои миллат ин мусоидат намудан ба имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Ба имзо расидани созишномаи мазкур як гардиши куллиеро дар роҳи расидан ба ваҳдати сартосарӣ, таъмини сулҳи деринтизор ва амалисозии ислоҳотҳои низоми давлатдорӣ рӯйи кор овард.

Нақши Президенти мамлакат дар танзими муносибатҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа бо туфайли ба роҳ мондани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ низ назаррас аст. Дар замони Истиқлоли давлатӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти масъули давлатӣ низ бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, мувофиқ гардонидани дигаргуниҳо ба набзи ҷомеа густариш ёфта, дар ин миён садҳо қонунҳое қабул шудаанд, ки барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, таъмини ваҳдати миллӣ, зиндагонии арзанда ва пурнишоти сокинони кишвар ва боло бурдани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуда, ҷиҳати ба по мондани низоми нави ҳуқуқии кишвар шароит фароҳам оварданд.

Имрӯз бо боварии комил метавон гуфт, ки мақомоти қонунгузории кишвар таҳти роҳбарии маънавӣ ва ҳидоятҳои сиёсии Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон тайи 31 соли Истиқлолияти давлатӣ дар баробари иҷрои рисолати қонунэҷодкунӣ ва намояндагӣ аз халқ, таҳияи таҳкурсии ҳуқуқӣ ва қолаби қонунии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист низоми ҳуқуқии кишварро ба низоми ҳуқуқии давлати комилан мустақили миллӣ табдил диҳад.

**Имрӯз ин низоми мустақили ҳуқуқӣ дар асоси Конститутсияи кишвар, 17 қонуни конститутсионӣ, 23 кодекс, 18 қонуни авф, 1 авфи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунгардонии маблағҳояшон, 29 қонуни буҷет, 17 санадҳои ҳуқуқии байналмилалии бисёрҷониба, 50 Конвенсияҳо, 923 шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, 370 қонуни соҳавӣ ва зиёда аз 20 ҳазор қарорҳои Ҳукумат қомат афрохтааст. Дар ин миён 3 кодекс ва зиёда аз 110 санадҳои қонугузорӣ вазифаҳои даври худро иҷро карда, аз эътибор соқит дониста шудаанд (Холиқзода А.Ғ., Шарифзода М.М., Шосаидзода Ш.Ш. Пешво ва мактаби давлатдорӣ (Пешвои миллат – поягузори давлати миллӣ)- Хуҷанд: Ношир,2022. – 512 с. С.275-276.)**

Саҳми беназири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳия ва қабули қонунҳои миллӣ шоистаи таъкиди махсусанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлоли давлатӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва эҳтиёҷоти ҷомеа қонунҳое таҳия ва қабул карда шуданд, ки қаблан дар амалияи ҳуқуқтатбиққунии кишвар назир надошта, онҳо маҳсули тафаккур ва шуури миллианд. Ба мисоли ин қонунҳои миллӣ, метавон Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”; “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”-ро ном бурд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қабул гардид, он низ аз рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар Консепсия ба маврид ишора шудааст, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Дар робита ба ин масъала ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа мувофиқи консепсия вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол эътироф шудаанд. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии кишвар дурнамои рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро нек тарҳрезӣ намудааст.

**Гузашти солҳо собитқадамона собит намуданд, ки ҳар он чизеро ки Президенти мамлакат ба миллати хеш ваъда карда буданд, фаррохтар ва бештар аз он иҷро намуданд.**

Бо истифода аз фурсати муносиб бо камоли эҳтирому ихлосмандӣ ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар амри иҷрои вазифаи бузург ва мансаби олии давлатӣ – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нафъи пешрафти Ватани азизу маҳбубамон сиҳатмандии комил, саодати рӯзгор ва барори корро орзу дорам.



**Эраҷ КАБУТОВ**
**муовини аввал, муовини декан оид ба таълим**





# ФАРОЯНДИ ПИРӮЗӢ ВА БАҚОИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ДАР ПАСМАНЗАРИ ИҶЛОСИЯИ САРНАВИШТСОЗ

Боиси хушнудӣ ва шарафмандии мардуми кишвар аст, ки имсол 31-умин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар фазои сулҳу субот, амнияти комил ва ваҳдати миллӣ бошукӯҳона ҷашн гирифта шуд. Мусаллам аст, ки аҳамияти истиқлолу озодӣ дар ташаккул ва шинохти ҳар халқу миллат дар ақсои олам аз ҷойгоҳи хосе бархурдор аст. Таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик ҳанӯз аз бомдоди таърих соҳибдавлату ватандор буда, дар арсаҳои мухталиф пешгому тамаддунофар буд. Расидан ба Истиқлоли давлатӣ дар авохири асри гузашта барои миллати куҳанбунёди мо муждаи нек ва эҳёи истиқлолу озодӣ буда, моро бо жарфҳои таърихии ниёгон пайваст намуд.

Мутаассифона, кишвари ҷавони Тоҷикистон дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ бар асари дахолати баъзе кишварҳои хориҷӣ ва гурӯҳҳои манфиатҷӯи дохилӣ ба гирдоби мухолифатҳои шадиди дохилӣ гирифтор гардида, ин раванд ба ҷанги шаҳрвандӣ ва фоҷиаи бародаркушӣ оварда расонид, ки мавҷудияти давлатдории миллии навини тоҷиконро дар чунин як вазъияти душвори сиёсӣ зери суол монд. Дар ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта, як силсила гурӯҳҳо ва созмонҳои хусусияти маҳаллидошта ба амсоли “Меҳри Хатлон”, “Хуҷандиён”, “Лаъли Бадахшон” ва ғ. ташкил шуданд, ки ба манофеи маҳалҳои алоҳидаи кишвар амал мекарданд. Мутаассифона вуҷуди ин созмонҳо баръало шавоҳид аз он медиҳанд, ки дар он солҳо манфиатҳои маҳаллӣ аз манфиатҳои миллӣ болотар меистоданд ва ҳатто дар баъзе маҳалҳо андешаи ҷудоихоҳии маҳаллӣ ба вуҷуд омада буд. Дар ин асно, дар ҷумҳурӣ махсусан дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе гирдиҳамоиву ҷамъомадҳо баргузор гардиданд, ки аз моҳи март то моҳи майи соли 1992 вазъияти сиёсии мамлакатро мураккаб гардониданд. Дар чунин шароити мураккаби сиёсӣ Ҳукумати бо ном Муросои миллӣ ташкил дода шуд, ки натавонист зиддиятҳои сиёсиро аз байн барад ва аз 5-уми майи соли 1992 Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд ва бар асари ин ҷанги таҳмилӣ халқ муталошӣ ва пароканда гардид ва хатари нестшавии давлат ба миён омада буд. Дар он солҳои номародӣ куштор, ғоратгарӣ, авбошӣ, одамрабоӣ, таҷовуз ба номус ва дигар ҷиноятҳои даҳшатовар ба воқеияти рӯз табдил ёфта буд, яъне дар як мудати кӯтоҳ ҷомеаи мо аз масири адолату қонуният фарсахҳо дур монд. Арсаи ҷомеаи мо ҷавлонгоҳи зулму ситам ва ғорат гардида, ҷойи хубӣ ба бадӣ, зебоӣ ба зиштӣ, раҳмат ба шақоват, муруввват ба номардӣ ва ниҳоят адолат ба зулм иваз гардид. Дар ин айём шахсияте лозим буд, ки ҳастии хешро барои ҳастии миллату давлат, барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва речаи адолату қонуният дар кишвар ба хатар бигзораду, масъулияти имрӯзу фардои ин сарзамини ҳамешабаҳорро бар дӯш гирад. Таърих ин масъулияти сангинро бар дӯши фарзанди наҷибу ғаюр ва ҷонфидову диловари миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон гузошт. Бе шак Сарвари давлат дар сарнавишти миллати бостонӣ ва фарҳангсолори тоҷикон гардиши куллиеро ба миён овард, ки дар таърихи давлатдории навини миллӣ бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст.

Қобили зикр аст, ки арзишмандтарин дастоварде, ки Тоҷикистон дар даврон соҳибистиқлолӣ ба даст овард, ин аз садади нобудӣ наҷот додани давлатдории тоҷикон буд, ки ин раванд аз Иҷлосияи XVI-и Шӯрои Олии Тоҷикистон шурӯъ гардид.

Иҷлосияи XVI-и Шӯрои Олии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) (16 ноябр то 2 декабри ҷоли 1992) дар шаҳри Хуҷанд дар давраи бағоят мушкил ва вазъи душвори сиёсии ҷомеа баргузор шуд, ки аз 230 вакилони халқ дар кори иҷлосия 193 нафар ширкат намуданд.

Дар рӯзномаи Иҷлосия 23 масъала аз ҷумла , мурочиати Шӯрои Олӣ ба кишварҳои узви ИДМ, баргардондани гурезагон ба ватан, дар бораи Нишон ва Парчами давлати Тоҷикистон, дар бораи интихоби раиси ШО, дар бораи авфи умумӣ ва ғайраро дарбар гирифта, дар бораи онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд. Дар кори иҷлосия 74 санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ба хусус 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул гардид, ки барои роҳандозӣ намудани мақоми давлатӣ, ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини сулҳ ва амният дар ҷумҳурӣ, муттаҳид намудани миллат ва бозтоби ҷаҳони Тоҷикистон нақши муҳимро иҷро намуданд.

Ҳамин тавр, яке аз руйдодҳои муҳиме, ки дар иҷлосия ба вуқуъ пайваст, ин буд ки Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 19 – уми ноябри соли 1992 ба маснади раиси Шӯрои олӣ интихоб гардид. Аввалин суханронии Роҳбари давлат дар Иҷлосия бо ибораи “ман ба шумо сулҳ меорам” оғоз гардид. Дар воқеъ Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон нахли умеди Ватане гардид, ки абрҳои сиёҳ осмонашро фаро гирифта буд. Ягона чизе, ки дар Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба дигарон эҳсос мешуд дар баромадҳои нахустин ин самимият, ҷасорат, ҳақҷӯӣ, сулҳхоҳӣ ва меҳанпарастӣ буд, ки дар муддати кӯтоҳ тавонист миллатро аз парокандагӣ, давлатдории тоҷиконро аз нестӣ наҷот диҳад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали роҳбари давлат интихоб шуданаш, тақя бо халқ намуда, ба ҷои тухми кинаву адоват, тухми ваҳдату адолатро кошид, ки имрӯз аз меваҳои ширини он мардуми кишвар баҳра мебаранд.

Хотирнишон бояд сохт, ки Тоҷикистон дар пасманзари Иҷлосияи XVI-и Шӯрои Олии Тоҷикистон ба як силсила дастоварду музаффариятҳои дастёб гардид. Ба унвони мисол Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки маҳз дар ҳамин иҷлосия интихоб гардида, бо ҳувияти олии миллӣ, далериву ватандӯстӣ, ғамхор нисбат ба ояндаи миллату давлати тоҷикон тавонист миллатро аз парокандагӣ, давлатдории тоҷиконро аз нобудӣ наҷот дода, ба Ватан сулҳу ваҳдат ва пешрафту шукуфоӣ эҳдо намояд.

Инчунин барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ шароити мусоид фароҳам омад, ки маҳз пояҳои фалаҷ гардидаи ҳокимияти давлатӣ аз Иҷлосияи мазкур устувор гардида, дар ҷумҳурӣ сохти констутутсионӣ барқарор гардид.

Конститутсияи нави Тоҷикистон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки инкишофу дурнамои Тоҷикистонро ҳамчун давлатӣ соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян намуд. Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ Истиқлоли давлатӣ ва дигар дастовардҳои миллиро аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровард ва ин санади мудаввaн дар самти сохтани як давлати амну амон, демокративу ҳуқуқбунёд, ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ, арзиши олӣ эътироф гардидани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, ташкили мақомотои олӣ ва маҳаллии давлатӣ, ҷорӣ гардидани низоми ҳуқуқи ҳоким бар ҷомеа, пеш гирифтани руёи сохтани ҷомеаи адолатпарвар, равобити хуби байналмилалӣ ва рӯнамоии Ватани маҳбубамон дар арсаҳои мухталиф хидмат намуд.

Ҳамчунин яке аз нодиртарин комёбии миллат, ки пайи Иҷлосия ба амал омад ин буд, ки 27-уми июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Дар ин миён гурезагони иҷбории тоҷик ба Ватан баргардонида шуданд. Мо танҳо дар заминаи ваҳдат ва амнияти миллӣ метавонем Ватанмонро обод ва рисолати таърихии миллатро анҷом диҳем.

Дар шароити соҳибистиқлолии Ватан рушд ва тараққӣ додани давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон вазифаи ҳар фарди бо нангу номуси кишвар аст. Вазъияти ниҳоят мураккабу ҳассоси ҷаҳони муосир, ноороми кишварҳои ҳамсоя, инкишоф ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстримистӣ, ва оқибатҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ моро водор месозад, ки фидоии ин сарзамини аҷдодӣ бошему барои бозтоби ҷаҳонии Тоҷикистон талош намоем.



**Азимҷон ҶУРАЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ**

# МАРТАБАВУ АЗАМАТИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШУРОИ ОЛӢ

## (андешаҳои сиёсатмадорону ходимони давлатӣ ва олимону муҳаққиқон)



**Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ барои баркарорсозии сохти конститутсионии кишвар ва эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон оғози устувор бахшид ва заминаи нахустини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард... Иҷлосияи таърихии XVI-уми сохти конститутсиониро дар кишвари тозаистиқлоли мо баркарор сохта, барои ташкил ва фаъолияти пурсамари тамоми сохторҳои давлатӣ асоси қонунӣ гузошт ва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мардуми бо амри таърих парешонгаштаи моро ба ҳам оварда, ваҳдати сартосарии халқи Тоҷикистонро таъмин намуда ва барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлати соҳибистиқлоламон заминаи боэътимод фароҳам овард**

**Эмомалӣ РАҲМОН**



Муҳимтарин дастоварди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин буд, ки дар чунин марҳилаи муҳимми таърихӣ шахсияти миллию мардумиро дар симои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи роҳбарӣ овард. Дар чунин вазъи фоҷиабор он кас ба арсаи сиёсати давлатдорӣ ворид гардида, бо эҳсоси баланди ватандорӣ ҷасурона дар масири ноҳамвори сиёсӣ қадам ниҳода, ба бунёди сохторҳои давлатдории миллӣ асос гузоштанд.

**Рустами ЭМОМАЛӢ**



Пешвои миллат ба арсаи сиёсат бо ҷасорат, матонат, дилу нияти пок ворид шуданд ва чун фарзанди сарсупурдаи миллат дар муддати кутоҳи таърихӣ тавонистанд мардуми аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ азияткашидаи Тоҷикистнро сарҷамъ намуда, барномаи дар ҷаҳони муосир беназири расидан ба сулҳ ва ризоияти миллиро таҳия ва амалӣ кунанд. Маҳз самараи талошҳои пайвастаи Сарвари давлат буд, ки Тоҷикистон ба марҳилаи рушди устувор ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндаагии аҳолӣ ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид. Роҳи пурифтихоре, ки Тоҷикистони азиз таҳти роҳбарии собитқадамонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паймудааст, ба садсолаҳо баробар мебошад.

**Маҳмадтоир ЗОКИРЗОДА**

Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсияти бузурги миллӣ рӯйи



кор омад, ки бо ҷасорати инсонӣ ва хиради сиёсӣ миллату кишварро аз вартаи парокандагӣ ва нобудӣ берун кашид.

**Озода РАҲМОН**

Солҳо ва асрҳо мегузаранд ва наслҳои оянда, замоне ки таърихи навини давлатдории тоҷиконро меомузанд, аз дастовардҳои халқи тоҷик бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон



ҳамчун бунёдгузори давлатдории навин ва истиқлолияти воқеии кишвар, ки аз Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ибтидо мегирад, ифтихор хоҳанд кард.

**Маҳмадсаид УБАЙДУЛЛОЕВ**

Банда кайҳо дар ин андеша будам ва ҳоло ҳам такрор мекунам: яке аз хидмат ва арзишҳои таърихии намоян-



дагони Иҷлосияи Шурои Олӣ дар он буд, ки айёми ғамрез, печидароҳи басо мураккаб, бераҳму пуршебу фароз ва лаҳзаҳои басо ҳассос ба бахти тоҷикон фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ интихоб карданд.

**Шукурҷон ЗУҲУРОВ**

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нуқтаи гардиш дар ҳаёти сиёсӣ дар пайдоиш ва ташаккули арзишҳои фарҳанги



ҳуқуқӣ, аз қабили давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, иҷтимоӣ, соҳибихтиёр, ҷумҳурии президентӣ, дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногуншаклии моликият, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкории хусусӣ, гуногунии сиёсиву мафкуравӣ, низоми сиёсии бисёрҳизбӣ, парламентаризм, мустақилияти ҳокимияти судӣ, худидораи маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар замони Шӯравӣ ҷой надоштанд, нақши ҳалкунанда дорад.

**Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА**

Яке аз вазифаҳои асосии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон катъи ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ба шумор мерафт. Дар як муддати кӯтоҳ бо заҳмату талошҳои Сарвари давлат ва роҳбарияти мамлакат оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш гар-



дида, сохторҳои фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, барқарор гардида, Артиши миллӣ ва неруҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ таъсис дода шуданд.

**Зариф АЛИЗОДА**

Қарорҳои Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими ҳокимияти конститутсионӣ,



шинохти Тоҷикистон аз сӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ, расидан ба ваҳдати миллӣ ва бунёди давлатдории навин заминаҳои воқеӣ гузошта, рушди бемайлони давлат, вазъи муътадили сиёсӣ ва амнияти ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши калидӣ бозиданд.

**Маҳкам МАҲМУДЗОДА**



Маҳз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуну қарорҳои дар он қабулшуда ба рушди давлатдорӣ ва қонунгузории миллӣ мусоидат намуд.

**Маҳмад РАҲИМЗОДА**

Роҷеъ ба он, ки Эмомалӣ Раҳмон барои давлати муосири тоҷикон нақши бунёдгузориро дорад, хизматҳои наҷотдиҳанда



ва созандаи ӯ дар соҳаи сиёсати давлатӣ, тарҳрезии низоми ҳуқуқӣ, шаклгирии иқтисодиёти миллӣ, таҳияи низоми адолати иҷтимоӣ, ҳифз ва рушди фарҳанги пурғановат ва дигар ҷанбаҳо барои гӯши шунавою чашми бино далолати иловагиро талаб надорад.

**Абдураҳим ХОЛИҚЗОДА**



**Таҳияи Эмомалӣ МИРАЛӢ**



# ПЕШВОИ МИЛЛАТ – СИМОИ БАРҶАСТАИ АРСАИ СИЁСАТ

## (андешаҳо дар васфи Пешвои миллат)



**Владимир Путин –**
**Президенти Федератсияи Россия**

Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ як мамлакате, ки чунин вазъияти муташанниҷ дошт, дида намешуд. Ҳар он чи оид ба ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳову мамолики дигар.



**Ҷозеф Байден –**
**Президенти Иёлоти**
**Муттаҳидаи Амрико**

Муҳтарам ҷаноби Президент, аз номи мардуми Иёлоти Муттаҳида ман мардуми Тоҷикистонро табрик мекунам, чун Шумо дар арафаи таҷлили 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ қарор доред.

Тули се даҳсолаи шарикӣ, Иёлоти Муттаҳида мунтазам соҳибихтиёрӣ, соҳибистиқлолӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистонро дастгирӣ менамояд. Мо умедворем, ки робитаҳои худро тавассути ҳамкорӣ бо дастгирии амнияти минтақавӣ, шукуфоии иқтисодӣ ва ҳамгирой таҳким мебахшем.



**Александр Лукашенко –**
**Президенти Ҷумҳурии Беларус**

Тоҷикони шуҷоъ ва заҳматкаш, боистеъдод ва меҳмоннавоз мустаҳақи ифтихор аз Президенти худ Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Сиёсати хирадмандонаи пешгирифтаи ин инсон, бори дигар таъкид мекунам, кишварро ҳифз намуд, сулҳу оромиро ба ин сарзамин овард. Ва ба ин танҳо шумо арҷ мегузоред. Мо ҳама – дар ИДМ – ба ин кори наҷиб арҷ мегузорем. Зеро сулҳ ва оромӣ дар ин замин – ин сулҳу оромӣ дар Беларус, дар Россия ва дар дигар давлатҳо мебошад.



**Шавкат Мирзиёев –**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Имрӯз мо дар муносибати дуҷонибаи худ саҳифаи навро боз ва ин муносибатро ба сатҳи сифтан баландтар мебардорем. Мусалламан, ин хидмати шахсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бародари азизам муҳтарам Эмомалӣ Шарифович – арбоби барҷастаи давлатӣ ва сиёсӣ аст, ки хидматҳои ӯ дар тамоми ҷаҳон эътироф шудаанд.

**Қосим-Жомарт Токаев –**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**



Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович! Тули солҳои рушди мустақилона Тоҷикистон таҳти роҳбарии Шумо роҳи дигаргуниҳои муҳимро тай намуд ва дар бунёди давлатдорӣ, баланд бардоштани некуаҳволии халқ ва нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ комёбиҳои бузург ба даст овард.

Дар Қазоқистон аз дастовардҳои Тоҷикистон ҳамеша шод мешаванд ва ба таҳкими минбаъдаи муносиботи дӯстона ва боварибахш байни давлатҳои мо аҳаммияти калон медиҳанд.

**Йоҳаннес Рау –**
**Президенти Ҷумҳурии**
**Федеративии Олмон (солҳои 1999-2004)**

Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни таъхир дар суфуфи иттиҳоди зидди терористӣ ворид гардид, ки қобили сипос ва эътироф аст. Кӯшишҳои хастанопазири Президент Раҳмонов, ки ба таъмини субот ва мусолиҳаи дохилии тоҷикон нигаронида шудаанд, метавонад намунаи ибрат барои соири кишварҳо гардад.



**Сафармурод Ниёзов –**
**Президенти Туркманистон**
**(солҳои 1990 - 2006)**

Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов бо халқи куҳанбунёд ва хирадманди худ забон ёфта, ба сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, ри-



зоят ноил шуд ва дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардид. Бо халқи тоҷик мо асрҳо ҳамсоягии нек дорем, руҳ ва хислати мо бо ҳам наздик аст.

**Аҳмадшоҳи Масъуд –**
**Қаҳрамони миллии Афғонистон**



Роҳбари Тоҷикистонро ман ҳамчун шахсияте дарёфтам, ки халқи кишвараш, миллати тоҷикро, Ватанаш Тоҷикистонро хеле амиқ ва самимона дӯст медорад. Барои беҳбудии халқу марзу бумаш омода аст, ки ҷонбозиҳо кунад. Бо чунин Раис Тоҷикистон ҳатман ба сулҳу оштӣ даст хоҳад ёфт.

**Таҳияи Ҷ. САЪДИЗОДА**



**Ҳамасола, 16 ноябр мардуми сарбаланди мамлакат “Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро ботантана ҷашн мегиранд. Сабаби ба ин рӯз рост омадани чунин ҷашни муборак дар он аст, ки маҳз дар ҳамин рӯзи таърихӣ, яъне 16 ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, ҳамчунин дар ҳамин рӯз, яъне 16 ноябри соли 1994 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди халқу Ватан савганд ёд кардаанд.**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БУНЁДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Аз ин рӯ, ботантана таҷлил карданИ “Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба маънои дарки аҳаммияти муҳимми ин ниҳоди давлатӣ дар ҳифзу тараққиёти давлатдории навин, ҷашни қадрдонию сипос ба арзишҳои баланди давлатӣ, миллӣ ва шаҳрвандие мебошад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили конститутсионии онҳо баромад мекунад.

Бинобар ин, дар таърихи давлати соҳибистиқлоли мо мафҳуми “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо шахсияту хизматҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамсадо гашта, пайванди ногусастанӣ дорад. Ин абармарди миллати тоҷик дар таърихи навини Тоҷикистон шахсияте мебошанд, ки на танҳо дар ташаккулу таҳаввули давлатдории соҳибистиқлоли тоҷик ва ҳастии имрӯзу фардои Тоҷикистон, балки ҷиҳати эҳёи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ хизматҳои пурарзиш кардаанд. Ҳар нафаре, ки аз сарнавишти гузашта ва печ дар печи халқи тоҷик воқиф аст, хизматҳои созандаи Сарвари давлатро эҳсос менамояд ва симои таърихии Пешвои миллатро дарк мекунад.

Зеро барои тасвири шахсияте, ки халқи зиёда аз ҳазор сол пароканда ва аз саҳнаи таърих дурафтодаро аз сари нав ҳамчун миллати мустақил, соҳибистиқлол ва соҳибдавлат ба арсаи ҷаҳонӣ ворид намуд, халқи гирифтори гирдоби нобудиро наҷот дода, ҷон ба кафи даст ба миллат сулҳу ваҳдат ва амният оварда, қудрат ва сиёсатро дар хидмати инсон гузошт, ҳуқуқро бо ғояҳои анъанавию миллӣ тарҳрезӣ намуда, неъмати озодиву соҳибдавлатиро барои ташнагони беш аз ҳазорсола эҳдо карда, дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлатеро бо номи Тоҷикистон сабт намуд.

Бешубҳа бояд баён дошт, ки дар таърихи навини давлатдории мо оғоз ёфтани боз як саҳифаи нав, яъне “Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” собитгари ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, садоқат ба Ватан - Модар, иштироки фаъолу поквиҷдонона дар таҳия ва қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ҳар як инсон муттасил шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона фароҳам овардан ва рушди бемайлони ҷомеа хоҳад буд.

Нақши Президенти кишвари маҳбубамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Пешвои миллат ва бунёдгузори давлати миллӣ дар амри таъмини истиқлолияти воқеии давлатӣ ва ҳастию бақои миллати тоҷик, пеш аз ҳама дар таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, эҳёи тамаддун, илму фарҳанг ва мактабу маориф, рушди соҳаҳои тандурустӣ ва варзиш, бунёди роҳу нақбҳо, берун баровардан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ, боло бурдани эътибори он дар арсаи байналмилалӣ, бунёдкорӣ ва ободонии шаҳру деҳоти мамлакат, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат басо афзалиятнок аст.

Ин ва садҳо далели дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки Эмомалӣ Раҳмон бидуни шакку шубҳа Пешвои миллати тоҷикон мебошанд ва дар ин замина Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» низ, ки тахти № 1356 аз 14 ноябри соли 2016 қабул гардидааст, ки иқдоми саривақтӣ буда, эътибори ҳуқуқии олиро касб менамояд ва боз ҳам қадрдонии бештари хизмату заҳматҳои беназири сиёсатмадори варзидаи сатҳи ҷаҳонӣ ва фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иникос менамояд.



**Комрон ДАВЛАТЗОДА**
**дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ**

Дастовардҳои беназире, ки дар се даҳсолаи охир барои давлатдорию миллатсозии миллати тоҷик ба даст омадаанд, баробар ба садсолаҳо мебошанд. Ҳамин аст, ки Эмомалӣ Раҳмон дар дилу дидаи мардум ҳамчун Пешвои миллат эътироф гардида, маҳбубият пайдо намуданд. Аз ин рӯ, ба унвони Пешвои миллат ном бурдан ва ҳамчун “Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҷашн гирифтан, барои Пешвои муззами миллати тоҷик ҳақиқатан, арзанда ва шоиста аст.

# ИҶЛОСИЯ – АСОСИ ЭЪТИМОД БА ОЯНДАИ НЕКИ ВАТАН



**Парвиз ИСОЗОДА**
**омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Миллати соҳибтамаддуну куҳанбунёди тоҷик тӯфонҳои зиёди рӯзгорро, ки бисёре аз миллатҳои дунё ба онҳо тоб наоварда, аз саҳнаи таърих берун шудаанд, бо хисороти вазнину қурбониҳои зиёд ҳам бошад, вале бо ҳифзи фарҳангу асолати хеш пушти сар ниҳодааст. Зери фишори омилҳои бегона, борҳо аз асли худ дур шуда, муддатҳо ба парешониву даргириҳо гирифтор шудааст. Ҳаводиси солҳои 90-уми асри гузашта, ки бар асари онҳо миллати куҳанбунёду соҳибтамаддуни тоҷик ва давлати ҷавону тоза ба истиқлол расидаи Тоҷикистон бо таҳмили иғвоангезону манфиатталабони дохиливу хориҷӣ ба гирдоби имтиҳони сангини таърих – ҷанги нангини шаҳрвандӣ, вартаи ҳалокату наҷоти миллат кашида шуд, дар баробари хисороти вазнини моливу ҷонӣ ва инфрасохторӣ, барои мардуми ин сарзамини биҳиштосову фарзонахез, инчунин, чеҳраи тобноки таърихӣ, лидери сиёсии мавриди эътирофи умум, умедбахши халқи ҷафодида, илҳомбахши элитаи сиёсӣ, сулҳҷӯю ваҳдатгаро, пайвандгари гурӯҳҳои оштинопазир, ҳомии арзишҳои давлатдории миллӣ, Пешвои аз худ гузаштаву ҷонфидои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро эҳдо намуд.

Ин марди шариф, баъди интихоб гардиданаш ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ, дар мурочиатномаи худ ба мардуми мамлакат аз 12 декабри соли 1992 бовиқору ифтихор ва камоли масъулияту ҷасорат иброз намуданд: «Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам...».

Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим азму афкору ҷавонмардонаи Пешвои миллатро, ки дар он рӯзҳои сангини миллат вуҷудашро фаро гирифта буданд, бисёр муносиб ба риштаи назм кашидааст:

**Ҷавониамро фидо кардам,**
**диёрам то ҷовидон бошад,**
**Гузаштам борҳо аз ҷон,**
**ки ҷонаш дар амон бошад.**
**Чу аз ҳар ҷонибе сӯи Ватан**
**боди хазон омад,**
**Баҳорамро сипар кардам,**
**ки эмин аз хазон бошад...**

Пешвои миллат бо зуҳури наҷибатин хислатҳои сарварӣ – садоқат, ҷасорат, самимият, ватанпарварӣ, миллатдӯстӣ, худогоҳӣ, хештаншиносӣ, ғурури созанда, ифтихори поянда, эътиқод ба халқ, тамкини зебанда, бовар ба оянда мардумашро ба иҷрои вазифаҳои бузурги бунёдӣ – бениёзӣ аз неруи барқ, раҳоӣ аз бероҳӣ ва фаровонии ғизовор ҳидоят кард.

Профессор Ятимов С.Я. зикр мекунад, ки интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба симати сарвари вилоят ва баъдтар ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ дар ҳаёти миллати тоҷик падидаи фавқулода муҳим ва гардиши кулливу сарнавиштсози умумимиллӣ буд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлати навини тоҷиконро асос гузошт ва мардуми олам Тоҷикистонро бо номи ӯ шинохт.

Иқдомҳои фарҳангпарварона, ислоҳоти соҳаи маориф, тақвияти инфрасохтори соҳаи варзиш, ташкили китобхонаҳо, роҳандозии озмунҳо ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, сафарбарсозии ҷавонон барои таҳсил дар донишгоҳҳои бонуфузи хориҷи кишвар ва дигар ташаббусҳои Ҳукумати мамлакат буд, ки имрӯзҳо иштироки фаъолонаи ҷавонон дар раванди ободкориву созандагии Ватани муқаддасамон баръало мушоҳида шуда, ҷавонони кишвар дар олимпиадаҳои варзишиву фаннии байналмилалӣ парчамбардори кишвари азизамон ҳастанд.

Ин ҳама ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат, бевосита панду насиҳат ва роҳнамоиҳои падаронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо фарзандони саодатманди миллати куҳану давлати ҷавон, ҷавонони шарафманди кишвари соҳибистиқлоли рӯ ба пешрафтро водор месозад, ки ба боровариву эътимоди Пешвои хирадоини хеш сазовор буда, дар шароити сиёсии ниҳоят мураккабу печидаи ҷаҳони муосир ва манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо беш аз ҳарвақта зиракии сиёсиро ҳифз намоем ва атрофи ғояҳои сулҳу ваҳдати миллӣ сарҷамъу муттаҳид бошем.




# ИҶЛОСИЯ ВА ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



**Исфандиёр МИРАЛИЕВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**

**Иҷлосияи таърихиву тақдирсози XVI-уми Шурои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд даъват гардида, имтиҳони таърихӣ дар назди вакилони Шурои Олӣ саволе гузошта буд, ки наҷоти миллат аз интихоби ҷавоби дуруст ба он ва вогузор намудани масъулияти роҳбарии давлат ба дӯши марди сазовор вобаста буд.**

Моҳияти Иҷлосия дар он ифода меёбад, ки дар саҳнаи сиёсат барои наҷоти халқи тоҷик аз вартаи нобудӣ ҷавонмардеро овард ва ӯ исбот намуд, ки нақши Роҳбар, Сарвар ё худ нақши инсон дар таъриху дар ҷараёни дигаргунсозии ҳаёт ниҳоят арзишманд мебошад.

Самараҳои Иҷлосия хеле зиёданд. Бозгардонии зиёда аз як миллион гуреза, қабули қонуну қарорҳои наҷотдиҳандаи миллат, раҳоии мамлакат аз муҳосираи сиёсиву иқтисодӣ, барқарорсозии харобиҳои ҷанг, ба сулҳу ваҳдат расонидани миллати пароканда ва амалӣ намудани ормонҳои нуҳуфтаи халқи тоҷик бо талошу корнамоиҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст.

Таърих аз хони худаш боз ба миллати мо тараҳҳум карда, дар шароити муайян ва тақдирсози таърихӣ фарзанди фидокор ва сарсупурдаи миллатро ба сари қудрати сиёсӣ овард. Таҳлили мунсифонаи раванди шаклгирии давлати муосири тоҷик нишон медиҳад, ки таҳияи ҳокимияти давлатӣ дар шароити ноороми ҷанги шаҳрвандӣ, ташаккули низоми ҳуқуқӣ, оташбаси ҷанги шаҳрвандӣ, ваҳдати миллӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ аз таҳдидҳои ҷаҳонӣ, барқарор намудани иқтисодиёти миллӣ, эҳёи фарҳанги миллӣ ва дигар унсурҳои муҳимми ҳастии давлати миллии муосири мо бевосита ба амалкардҳои ҳамин фарзанди содиқ, вафодор, қаҳрамон ва худододи миллат – Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон вобастагӣ дорад.

Роҷеъ ба он, ки Эмомалӣ Раҳмон барои давлати муосири тоҷикон нақши бунёдгузориро дорад, хизматҳои наҷотдиҳанда ва созандаи ӯ дар соҳаи сиёсати давлатӣ, тарҳрезии низоми ҳуқуқӣ, шаклгирии иқтисодиёти миллӣ, таҳияи низоми адолати иҷтимоӣ, ҳифз ва рушди фарҳанги пурғановат ва дигар ҷанбаҳо барои гӯши шунавою чашми бино далолати иловагиро талаб надорад. Мо тасмим гирифтем, ки ба чанд нуктаи бебаҳси ин сиёсат, ки далолат ба бунёдгузории давлати муосири моро ба ин шахсият мансуб медонанд, рӯшноӣ андозем.

Аз назари таҳлилгарони илми ҳуқуқ панҷ гурӯҳи асноди меъёрии ҳуқуқие, ки Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шурои Олӣ қабул кард, ду гурӯҳи аввал ба барқарорсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, гурӯҳи сеюм барои хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ, гурӯҳи чорум барои ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва гурӯҳи панҷум ба самти муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шуда буданд.

Ҳамин тавр, қайд кардан лозим аст, ки баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ ва интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Сарвари давлат ду ҳодисаи нодири таърихӣ маҳсуб ёфта, дар пойдорӣ ва эҳёи давлати навини тоҷикон нақши муассирро иҷро намудаанд.

# САРОҒОЗИ БУНЁДИ КИШВАРИ ОЗОД

Бояд ёдовар шуд, ки ҳаёти осоиштаи имрӯзаи мо аз Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии ҶТ шуруъ шуд. Маҳз он давлати моро аз вартаи ҳалокат наҷот дода, заминаи давлати миллии моро таҳким бахшид. Дар таърихи навини халқи тоҷик Иҷлосия марҳилаи нави давлатсозӣ, бунёдкорӣ ва созандагӣ буда то имрӯз идома меёбад. Тамоми дастовардҳо ва пешравиҳо назаррас дар ҳама соҳаҳо бо ин Инҷлосияи сарнавиштсоз иртиботи қавӣ дорад.

**Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ тадбирҳои муҳимми сарнавиштсози зеринро анҷом дод:**

**- Роҳбари нави сиёсии мамлакатро таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуд;**

**- Сохтори конститутсиониро дар мамлакат барқарор сохт ;**

**- Хатари пош хӯрдани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парокандагии миллатро пешгирӣ намуд;**

**- Тадбирҳои мукамали аз бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани ҷомеаро ба миён гузошт;**

**- Самтҳои асосии сиёсати дохилии мамлакатро муайян намуд;**

**- Мавқеи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварро муайян сохта, барои ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои ҷаҳон роҳ кушод.**

Аз баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол сипарӣ мешавад. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки миллати тоҷик бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат ба тамоми пешравиҳо, дастовардҳои беназир ва ба ҳадафҳои стратегии худ ноил гардида, барои гулгулшукуфоии кишвар ва рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат тадбирҳои судманд андешида шуд.



**Хуршед КАРИМОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**




# ИҶЛОСИЯИ XVI ВА ТАҲКИМИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРӢ

**Бо тағйирёбии низоми сиёсӣ ва барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар заминаи таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ мураккаб гардид. Ин мураккабӣ боиси ба амал омадани ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат шуд.**



Шералӣ ХОЛИҚЗОДА
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

Акунун дар чунин шароити вазнин шаҳрвандони кишвар, ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ ба воситаи вакилони халқ дар мақоми олии намояндагии мамлакат масъулияти бузург ва беназири давлатдории хешро ба воситаи Шурои Олӣ ифода сохта, ба он ноил гардиданд, ки ҷиҳати барқарор намудани асосҳои давлатдорӣ ва таъмини қонуният, сулҳу субот, 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардад. Яке аз қарорҳои муҳим ва саривақтии иҷлосия интихоби Раиси Шурои Олӣ ба ҳисоб мерафт. Мувофиқи қарори ҳайати Шуро Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Ӯ савганд ёд намуда, гуфт: «...кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард... Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам...»

**Интихоби сарвари давлат заминаи қабули як қатор санадҳои меъёрӣ ва амалӣ гардидани онҳо дар кишвар гардид. Аз ҷумла:**

**1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 1992.**

**2) Қонунҳои ҶТ «Дар бораи гурезагон», «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии ҶТ», «Дар хусуси тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии ҶТ» аз 23 ноябри соли 1992.**

**3) Қабули Кодекси гумруки ҶТ аз 25 ноябри соли 1992.**

**4) Қабули Қонунҳои ҶТ «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд» ва «Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992» аз 26 ноябри соли 1992.**

**5) Қабули қарор «Дар бораи таъсиси вилояти Хатлон» аз 2 декабри соли 1992.**

Маҳз санадҳои зикршуда, ки марҳила ба марҳила бо ташаббус ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат қабул гардиданд, заминаи мусоидро барои таҳкими қонуният дар мамлакат гузошта, асоси бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона гардиданд.

Яке аз воқеаҳои муҳимми давлатдории баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ баргузории Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Маҳз дар ин Иҷлосия ғояи бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ бо ташаббусҳои бевоситаи Раиси Шурои Олӣ ба ҳайси ҳадафи асосии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон эълон гардида, минбаъд, дар Конститутсияи ҶТ инъикос гардиданд.

Миллати тоҷик дар марҳилаи басо ҳассоси таърих симои пешвои худро дар шахсияте дид, ки ӯ аз қалби мардум бархоста ва бо садоқати беназир ба халқ ва ба ин марзу бум дар замони

# ИҶЛОСИЯИ XVI – OҒОЗИ ДАВЛАТСОЗӢ

бениҳоят мураккаби гузариш рисолати пурмасъулиятро ба дӯш гирифтааст. Мо аз он ифтихормандем, ки бо азму талошҳои Сарвари маҳбубамон Тоҷикистонро ҷаҳон шинохта, миллати тоҷик дар дунё муаррифӣ гардида, садои тоҷик аз минбарҳои баланди созмонҳои ҷаҳонӣ танинандоз гашт.

Дар шароити номусоиди ҷаҳони муосир бошад масъалаи ташкили давлати миллӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Зеро дар шароити ҷаҳонишавии манфиатҳо, ки давлатҳои бузург аз пайи манфиатҳои худ бо роҳҳои мухталифи моддиву маънавӣ ба паҳнои манфиатҳои кишварҳои рӯ ба рушд ва қафомонда дохил шуда, ба истиқлолияту ваҳдати миллӣ латма ворид менамоянд. Аз зумраи воситаҳои муосири ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки имтиҳони таърихиро гузаштааст, ин вуҷуди устувори худшиносии миллӣ ва мафкураи солими миллӣ маҳсуб мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тавоноии сиёсат ба фарогирии манфиати миллӣ ва таъминкунандаи сатҳи шоистаи зиндагӣ вобаста аст. Аз ин сабаб, барои бунёди давлати миллӣ дар асоси ҷомеаи шаҳрвандӣ мебояд шаҳрвандон дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ ташвиқу тарғиб карда шаванд.

Мардуми тамаддунофари тоҷик ба хотири ояндаи дурахшон ва зиндагии шоистаи худ сиёсати бунёдкоронаи Пешвои миллатро пуштибонӣ менамоянд, ки он дар заминаи татбиқи ормонҳои халқ ба миён омадааст. Фаъолияти пурсамару созандаи Пешвои миллат нишон медиҳад, ки тӯли 30 сол, бо ҷалби фаъолонаи мардум ба ҳаёти сиёсӣ ва ба таври дастаҷамъона бартараф намудани мушкилоти мавҷуда, дар байни мардум маҳбубияти худро соҳиб гаштааст.



Сафаргул ШОҚУЛОВА
асситенти кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ

Сиёсати Эмомалӣ Раҳмон аз дастгирии ҳамешагии халқ бархурдор аст, зеро тамоми фаъолияти худро дар доираи манфиату ғояҳои шаҳрвандони кишвар, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ барномарезӣ менамояд ва дар доираи хостаи мардум онро амалӣ менамояд.

Пас, биёед ҳамдиёрони азиз баҳри пешрафти ин давлату миллат дар чунин вазъи ногувори ҷаҳони муосир бо ҳам муттаҳид гардида, бо дарки баланди масъулияти миллӣ софдилона хизмат намоем.

# ИҶЛОСИЯИ XVI ВА ПОЙДОРИИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ДАР ТОҶИКИСТОН



16 ноябри соли 1992 дар Хуҷанди бостонӣ Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии ҶТ ба кори худ шуруъ кард. Хушбахтона, дар ҷараёни он санаи 19 ноябри соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олии ҶТ интихоб шуд.

Дар ҳамин сана Раиси Шурои Олии ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба сарони якчанд давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мурoҷиатнома ирсол кард, ки дар он гуфта мешавад:

«Вазъи ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тадбирҳои андешидашуда нигоҳ накарда, торафт муташанниҷ мегардад. Задухӯрдҳои мусаллаҳонаи тарафҳои муқобил давом доранд. Хуни одамони бегуноҳ мерезад. Шумораи гурезагон рӯз то рӯз меафзояд. Хавфи ҳамчун давлати мустақил барҳам хӯрдани Тоҷикистон ва ҳамчун миллат нобуд шудани тоҷикон ба миён омадааст».

26 ноябр бошад, Раиси Шурои Олӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мурoҷиатномаи Шурои Олии ҶТ ба азҳоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо ва тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ имзо гузошт, ки дар он аз ҷумла омадааст:

**«Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Хавфи фалокати умумимиллиро, ки қодир аст орзуи чандинасраи тоҷиконро бахри истиқлолият ва эҳёи давлатдории худ аз байн барад, эҳсос намуда;**

**Ҷанги бародаркуширо, ки боиси ҳалокат ва харобӣ, кушта шудани ҳазорон одамони бегуноҳ мегардад, маҳкум карда;**

**Мақоми аввалиндараҷа доштани ҳуқуқи шахсиятро бидуни мансубияти миллӣ ва динию мазҳабӣ, ҷаҳонбинӣ ва майли идеологӣ ва амсоли он эътироф намуда;**

**Масъулияти таърихии худро нисбат ба тақдири ҷумҳурии навташкили Тоҷикистон, ки ба роҳи тараққиёти мустақилияти миллӣ қадам ниҳоданист, дарк карда;**

**Бахри ҷумҳурии якпорча ва тақсимнопазир, Тоҷикистони демокративу дунявӣ талош менамояд.**

**Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори умед мекунад, ки ҳамин мурҷиатномаро азҳоби сиёсӣ, ҳаракату иттиҳодияҳо, ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ бахри тантанаи ақли солим ва адлу инсоф ба хотири дар қаламрави Тоҷикистон пойдор шудани сулҳу муросо дастгирӣ хоҳад кард».**

Маҳз ба ин васила, Эмомалӣ Раҳмон бо тадбирҳои хирадмандона ва матонату ҷасорати фавқулодда кишварро аз вартаи фалокат ва ҳалокат берун овард, мардуми парешонро сарҷамъ намуд ва садҳо ҳазор ғурбатзадагонро ба ватан баргардонд. Ҳамчунин, бузургтарин дастоварди сарвари давлат, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Тавассути ҷасорату заковат ва хираду адолатпешагии Эмомалӣ Раҳмон 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки баъди он кишвар ба маҷраи ҳаёти осоишта ва созандагӣ қадам ниҳод.

Хулоса, суботу оромии мамлакат ва пешравию муваффақиятҳои беназири кишвари мо робитаи ногусастанӣ ба Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ва мактаби давлатдории Пешвои миллат дорад.



**Далер РАҲМОН**
судяи суди ноҳияи Синои ш. Душанбе

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАҚОМУ МАНЗАЛАТИ ЗАН ДАР ПАРТАВИ ИҶЛОСИЯ

**Соли равон аз замони баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии ҶТ 30 сол пур мешавад. Мардуми сарбаланду меҳанпараст ва тамаддунофару фарҳангсолори тоҷик бо шукргузорӣ аз даврони соҳибихтиёрӣ 30-юмин солгарди баргузории ин Иҷлосияи тақдирсозро дар фазои сулҳу субот ва созандагию бунёдкорӣ бо шукӯҳу ҷалоли хосса таҷлил менамоянд.**

Иҷлосия XVI Шурои Олӣ сароғози ҳама гуна пешравию дигаргуниҳои соҳаҳои афзалиятноки фаъолияти давлатӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, маврид ба зикр аст, ки масъалаи дастгирии занон ва баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа дар солҳои Истиқлолияти давлатии ҶТ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта, соҳаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

**Ҷойи ифтихор аст, ки занон дар баробари ба ҷо овардани рисолати аслии худ - устувор гардонидани оила, тарбияи шоистаи фарзандони баодобу соҳибмаърифату банангу номус, ватандӯсту худшинос, инчунин, бо заҳмату талошҳои пайгиронаи худ дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар саҳми босазо гузошта истодаанд.**



Дар пайвандӣ ба нақши арзандаи занону бонувон дар самти ба эътидол овардани авзои ноороми солҳои муқовимати сиёсӣ Пешвои муаззами миллат чунин таъкид менамоянд: Дар давраи душвори муқовимат занони тоҷик низ бо ҷасорату мардонагӣ байни ҷонибҳои мухолиф истода, бо маслиҳати оқилона ва насиҳатҳои пандомези худ аксар вақт ба паст кардани шиддати эҳсосот кумак мерасониданд.

Занон ва модарони кишвар дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ душвортарин рӯзҳоро аз сар гузарониданд. Сарфи назар аз талафоти бузург, зарбаи тақдирро босаброна таҳаммул карданд ва дар баробари мардон барои пойдор намудани сулҳу субот дар кишвар сарбаландона мубориза бурда ба хотири амнияту пойдории ояндаи миллат ҳамаро бахшиданд.

Мо, занону бонувони тоҷик, аз он ифтихормандем, ки зимни суҳбату вохӯриҳои хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи боло бурдани мақоми зан дар ҷомеа, тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони болаёқат, инчунин дастгирии ташаббусҳои занону бонувон дар самтҳои мухталифи ҷомеа, ғамхорӣ нисбат ба оила таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои созгор ва арзандаи паҳлуҳои гуногуни кору фаъолияти занон таклифу пешниҳодҳои мушаххасу асоснокро ба миён мегузоранд. Ҳамасола ба муносибати таҷлили Рӯзи модарон дар маросими бошукуҳи расмӣ суханронӣ намудани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишвар Эмомалӣ Раҳмон гувоҳи равшани ин ҳақиқат аст.

Бо истифода аз фурсати муносиб бо камоли эҳтирому сарфарозӣ тамоми ҳамватанони азизамонро ба шарафи ҷашни бошукӯҳи 30-юмин солгарди Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар роҳи барқарорсозии сохти конститутсионӣ, эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати комил ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд саҳми беназир дорад, самимона шодбош гуфта, бароящон саломатии бардавом, умри бобаракат, хушбахтӣ ва иқболи баланду комёбиҳои беназирро орзу менамоям.



**Наргис ХОҶАЕВА**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ



# РОЛЬ XVI СЕССИИ ВЕРХОВНОГО СОВЕТА В ФОРМИРОВАНИИ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ



**Хайем РАДЖАБЗОДА**
ассистент кафедры
предпринимательского и
коммерческого права



**Умед МУРОДЗОДА**
ассистент кафедры
конституционного права

История таджикского народа полна знаменательными событиями, одно из которых приобретение государственной независимости. Данный путь для таджикского народа был долгим и тернистым. Ведь после приобретения государственной независимости в Таджикистане возникла тяжёлая политическая ситуация, которая препятствовала развитию новых общественных отношений. На начальном этапе независимости под влиянием некоторых внутренних и внешних сил Таджикистан был втянут в бездну гражданской войны, которая стала причиной огромных человеческих потерь, неизмеримого экономического, социального урона, парализования всех правовых институтов и основ государственного строя, порождения в стране беззакония и хаоса. Несмотря на сложные, политические условия, для определения дальнейшего развития нового государства, для сохранения независимости Таджикистана была организована и проведена судьбоносная XVI (16-ая) сессия Верховного Совета Республики Таджикистан.

Данная сессия стала реальной основой для укрепления государственной власти, формирования национальной независимости, определения направления развития общества на ближайшие годы и продолжения строительства демократического, светского и правового общества. На ней были приняты 74 постановления, законы и другие правовые акты, которые стали определяющими в сохранении национальной государственности и развитии демократических институтов в Таджикистане. Анализ этих документов показывает, что они содержат такие конкретные нормы, которые способствовали выходу страны из этого кризиса, ее продвижению по пути современного развития, к демократической, правовой и светской государственности, в основу которой был положен принцип разделения власти. Главной задачей сессии было остановить кровопролитие и образовать руководство в республике, способное повести народ за собой.

Стоит отметить, что именно избрание Эмомали Рахмона в качестве Главы государства сыграло ключевую роль в сохранении таджикской государственности и объединении всего таджикского народа. Вступая в должность, Эмомали Рахмон произнес следующие слова: «Для установления мира в стране и возвращения всех беженцев на Родину я готов принести в жертву свою жизнь». Руководству страны в минимальные сроки удалось восстановить местную власть, организовать правопорядок, урегулировать деятельность министерств, ведомств и государственных комитетов страны. У людей появилась вера и надежда на легитимную власть.

XVI сессия Верховного Совета была созвана с целью восстановления конституционного строя в ноябре 1992 года в древнем городе Худжанд. Общественно-политическая ситуация в стране в канун сессии сложилась таким образом, что единственной официально существующей, легитимной ветвью власти остался Верховный Совет Республики Таджикистан. От его действий, а точнее от деятельности народных депутатов зависела дальнейшая судьба таджикского народа и его государственности. Поэтому не только депутаты, но и все трезво думающие граждане республики видели в лице Верховного Совета единственный политический орган, который мог бы разрешить существующий общественно-политический кризис в стране и уберечь страну от раздробленности и саморазрушения.

Решения, принятые на XVI сессии Верховного Совета, создали благоприятные условия и возможности для обеспечения национального согласия, возвращения беженцев на Родину, амнистии участников вооруженных столкновений, достижения соглашения между различными силами общества. Тем самым были заложены прочные предпосылки по упрочению национального мира, национального единства таджиков и граждан Таджикистана.

Основным достижением, заложившим прочный фундамент будущим достижениям, явилось завершение гражданской войны и установления мира и согласия в обществе, достигнутые 27 июня 1997 года в результате последовательной борьбы руководства страны. Таким образом, Таджикистан избавился не только от разрушительного процесса, но и начал свой постепенный созидательный путь.

Благодаря XVI Сессии народ Таджикистана как неотъемлемая часть мирового сообщества, поддерживающий свободу и права личности, признавая суверенитет государства, равенство и дружбу всех наций и народов, принял новую Конституцию. Принятие Конституции, выборы Президента Республики Таджикистан, выборы народных депутатов в Маджлиси Оли и местные собрания на основе новой Конституции и утверждение всех государственных структур привели нас к укреплению государственной власти, построению демократического общества и верховенства закона.

Таким образом, таджикский народ, как носитель суверенитета и единственный источник государственной власти, осознав нависшую над страной угрозу, проявив огромную волю к установлению мира и согласия в стране, нормализации общественно-политической ситуации, несмотря на враждебный настрой некоторых враждебных внутренних и внешних сил, продолжающих дестабилизировать ситуацию в стране, посредством своих избранников добился проведения данной судьбоносной сессии.

Именно данная сессия конституционным способом положила начало коренным переменам в жизни страны, сыграла важную роль в развитии новой таджикской государственности, и благоприятно повлияла на дальнейшее обеспечение верховенства закона и решение всех политических вопросов общества. Кроме того, сессия стала первоначальным основанием нового периода в законодательной деятельности страны, чем открыла новую ступень в развитии истории государственности и его законодательства.

Отрадно отметить, что мы находимся на преддверии празднования 30-летия XVI Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан. Ведь именно итоги этой сессии стали основой для стабилизации политической жизни страны и в этот короткий исторический период во всех сферах общественной жизни, в том числе в экономических и социальных сферах достигнуты большие успехи.







# ИҶЛОСИЯИ САРНАВИШТСОЗИ МИЛЛАТ

Миллати фарҳангсолору тамаддунофари тоҷик пас аз ҳазор соли бедавлатӣ 9 сентябри соли 1991, баъд аз пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун миллати соҳибдавлат дар арсаи байналмилалӣ пазируфта шуда, ҳаёти нави сиёсӣ – ҳуқуқиро оғоз намуд ва акнун мебоист барои мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ ва пойбарҷой мондани истиқлолияти бадастоварда зери парчами ваҳдату ягонагӣ талош варзад.

Вале душманони дохиливу хориҷӣ ба мо чунин фурсат надоданд ва ба Тоҷикистони соҳибистиқлол бо чашми рашку ҳасад ва дили пур аз буғзу кина нигаристанд. Ҳамин буд, ки найрангу дасиса ва бозиҳои паси пардагиашон боиси ба миён омадани вазъияти ҳассосу нооором гардида, қувваҳои гуногуни сиёсӣ мақсади бо роҳҳои ғайриконститутсионӣ ба даст овардани ҳокимиятро намуда, миллати куҳанбунёди тоҷикро ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашиданд.

Маҳз дар чунин вазъияти пурҳассоси таърихӣ баргузории иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар он Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шурои Олӣ интихоб намудан, воқеан имрӯз барои Тоҷикистони соҳибистиқлол дастоварди беназир ва сарнавиштсоз ба шумор меравад. Ин фарзанди фарзонаи миллат аз рӯзҳои аввали сари қудрат омадан роҳи эъмори давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократиро интихоб намуда, ин кишофи минбаъдаи Тоҷикистонро танҳо бо ҳамин роҳ тасаввур мекарданд. Сарвари оқилу хирадманд Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 26 ноябри соли 1992 ҳамчун Раиси Шурои Олии ҶТ мақсад, аҳамияти таърихӣ ва сарнавиштсози ин Иҷлосияро дар муроҷиатномаи Шурои Олии ҶТ ба ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо ва тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ имзо гузошт, ки дар он аз ҷумла омадааст:

**«Шурои Олии ҶТ хавфи фалокати умумимиллиро, ки қодир аст орзуи чандинасраи тоҷиконро бахри истиқлолият ва эҳёи давлатдории худ аз байн барад, эҳсос намуда, ҷанги бародаркуширо, ки боиси ҳалокат ва харобӣ, кушта шудани ҳазорон одамони бегуноҳ мегардад, маҳкум карда, мақоми аввалиндараҷа доштани ҳуқуқи шахсиятро бидуни мансубияти миллӣ ва динию мазҳабӣ, ҷаҳонбинӣ ва майли идеологӣ ва амсоли он эътироф намуда, масъулияти таърихии худро нисбат ба тақдири ҷумҳурии навташкили Тоҷикистон, ки ба роҳи тараққиёти мустақилияти миллӣ қадам ниҳоданист, дарк карда, бахри ҷумҳурии якпорча ва тақсимнопазир, Тоҷикистони демокративу дунявӣ талош менамояд...».**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи басо мураккаб ва нооромии сиёсӣ, ки дар ҷумҳурӣ аллакай ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба амал омада буд, бо истифода аз неруи тавоно, ирода ва талошҳои хастанопазири худ тавонист тамоми қувваҳои пешқадами сулҳпарварро дар гирду атрофи худ муттаҳид намояд.

Дар нахустин баромади худ Эмомалӣ Раҳмон иброз намуда буд, ки: «Ман кори худро аз сулҳ сар ҳоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем. Ҳар чи аз дастам меояд, дар ин роҳ талош хоҳам кард».

Ӯ бо иродаи қавӣ ва нияти нек халқро бовар кунонд, ки дар Тоҷикистони азиз сулҳ ва оромиро пурра пойдор мегардонад. Ин суханҳо дар қалби ҳар як тоҷик ва тоҷикистонӣ ҷой гирифта, шуълаи умеду боввариро нисбати ин фарзанди фарзонаи миллат барафрӯхт. Ба шарофати ҷаҳду талошҳои пайвастаи Сарвари давлат ва дастгирии халқи шарафманди тоҷик дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ба мо муяссар гардид, ки кишвари азизамонро аз бухрони сиёсии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва доми найранги таҳмилгарони аҷнабӣ берун бароварда, барои ободию шукуфоии он саъю талош намоем.

Аҳаммияти сарнавиштсозии Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар масъалаҳои баррасишавандаи рӯзномаи он маълум буд. Рӯзномаи Иҷлосияи тақдирсози миллат фарогири 23 масъала буда, асосан ҳамон масъалаҳоеро мавриди баррасӣ ва ҳалнамоӣ қарор доданд, ки дар шароити онрӯзаи пурҳассоси сиёсии кишвар масъалаҳои ҳаётан муҳим ба шумор рафта, дурнамои таҳкими истиқлолияти давлатӣ, сулҳу субот,



**Исроил САЛОМОВ**
**муовини декан оид ба корҳои тарбия дар басти якум**

ваҳдат ва ризоияти миллӣ ва ҳокимияти конститутсионӣ аз натиҷаи мусбати ҳалли онҳо вобастагии ногусастанӣ дошт. Аз ҷумла:

- муроҷиати Шурои Олии ҶТ ба кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;
- дар бораи тартиби баргардонидани гурезаҳо ба ҷои истиқомати мукимиашон;
- дар бораи қабули Нишон ва Парчами давлатии Тоҷикистон;
- дар бораи интихоби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар бораи авфи умумӣ;
- дар бораи аз муҳосираи иқтисодӣ озод намудани минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ;
- дар бораи ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҶТ ва ғайра буданд, ки аз рӯи онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ як қатор қарорҳое қабул карда шуд, ки заминаи таҳкими суботи сиёсӣ ва қонунгузориро дар кишвар гузошт.

Пояи давлати навини Тоҷикистон заминаи ба ҳам омадани миллат маҳз дар ҳамин иҷлосия гузошта шуд. Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ, бунёди давлатдории миллии тоҷикон, эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ва дар сатҳи санади олии ҳуқуқӣ – Конститутсия мустаҳкам намудани он нақш ва заминаи воқеӣ гузошт.

# БУНЁДГУЗОРИ ТОҶИКИСТОНИ НАВИН

Мувофиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия ҳисоб шуда, ҳомии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдорию бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкорони онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ имконият фароҳам овард, ки миллати тоҷик роҳиояндаи худро интихоб кунад. Роҳе, ки дар он начоти миллат дида мешуд. Дар он замон, кишвар дар гирдоби фитнаҳо, бозиҳо манфиатҳо ғутида буд, аммо шахсе пайдо нагардид, ки дар фикри миллату давлат ва раҳонидани он аз вартаи нестӣ бошад. Ҳама дар фикри молу ҷони худ, қисми дигар Ватанро тарк карданд, лекин хушбахтона, дар ин вазъияти душвортарин барои мамлакат офаридгор ба сари ҳокимият шахсиятеро овард, ки на дар фикри ҷон, на дар фикри мол ва на дар фикри дигар манфиатҳои шахсиаш буд. Ин шахсияти барҷаста – Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон буд. Маҳз бо тамоми кӯшишу талошҳои Пешвои миллат ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ором гардида сулҳро дар мамлакати азизамон пойдор нигоҳ дошт.

Маҳз, пас аз интихоб гардидан ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ ва оғози давлатдории худ, мамлакати мо ба як қатор дастовардҳои бузург ноил гардид. Аз қабили:

1) Ташкил намудани Артиши миллӣ
2) Конститутсия ҳимоякунандаи ҳуқуқҳои шаҳрвандон
3) Қабул гардидани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ
4) Ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳон
5) Аз нав эҳё кардани идҳои миллӣ ва ғайра.

Қайд намудан ба маврид аст, ки агар 1100 сол муқаддам дар ташаккул ва таҳаввули аввалин давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ нақши бузург бозида бошад, пас дар даврони мо, дар бунёди давлати навини тоҷикон, фарзанди фарзонаю барӯманди диёр, марди миллат ва шуҷоу далер – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши нотакрор ва бузургу беҳамто иҷро кардааст, ки инро набояд фаромуш кард. Аз ин рӯ, месазад, ки ҳар сол ба муносибати ин шахсияти нотакрори миллат рӯзи 16-уми ноябрро ҳамчун Рӯзи Президент ва Пешвои миллат ҷашн гирем.



**Саидакбар ҚОДИРЗОДА**
**магистри соли 2**

# ИҶЛОСИЯ, ПРЕЗИДЕНТ, ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

## (андешаҳои донишҷӯён вобаста ба ду ҷашни муқаддаси миллӣ)






**Файзалӣ АЗИЗЗОДА**
**донишҷӯи соли 3**

Ҳар кашфиёти бузург аз андешае сарманшаъ мегирад, ки дар аввал хаёли хом менамояд. Ба ин монанд, дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ, ки ҷомеа рӯ ба рӯи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид, дар тахаюлоти ҳеҷ фарде намеғунҷид, ки мо дубора ба ин рӯзҳои орому осоиш мерасем. Аммо, Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ барои миллати мо як кашфиёти нодире маҳсуб меёфт, ки сарманшаи тамоми оромию субот дар мамлакат гардида, мардумро ба орзуҳои тасаввурнопазири худ ноил гардонид.



**Динора ҚАЛАНДАРОВА**
**студент 4-го курса**

30 лет назад, когда в стране возникли тяжёлые политические условия, была созвана очередная сессия, ставшая впоследствии исторической. XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан является судьбоносным событием, создавшим благоприятные условия для нашего молодого и независимого государства в погашении пламени разрушительной войны, восстановлении конституционного строя, нормализации политической ситуации, обеспечении верховенства закона и социально-экономического развития общества. Сессия заложила начало нового периода в укреплении государственности, а также в дальнейшем развитии общественно-политической, экономической и социальной сферах в Таджикистане.



**Фаридун ТОШЕВ**
**донишҷӯи соли 2**

Муҳимтарин дастоварди Иҷлосияи 16 Шурои Олӣ – иттиҳод, ягонагӣ, якпорчагӣ, якдилӣ, ҳамрайъӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. Зеро ин унсурҳо сарчашмаи ҳамаи хушбахтиҳо ва муваффақ шудан ба кулли аҳдофи нек аст.

Имрӯз моро зарур аст, ки баҳри тақвияти сулҳу ваҳдат ва оромии сиёсии кишвари азизамон Тоҷикистон ва инчунин барои дӯстиву якдигарфаҳмӣ ва ризояти халқу миллат камари ҳиммат бандем. Борҳо Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки бояд шукр гуем, ки ба чунин рӯзгори ороми осуда расидем ва сулҳу субот, Ваҳдати миллиро ҳамчун дастоварди азимтарини халқамон ба монанди гавҳараки чашм эҳтиёт намоем.

Аз ҳамин ҷиҳат, ҳар як ҷавон муваззаф аст, ки барои таҳким ва густариши Ваҳдати миллӣ ва ҳифз намудани дастовардҳои истиқлолият тамоми нерую заковати худро равона созад ва ба ин васила, барои пеш бурдани сиёсати Пешвои миллат, накши худро гузорад.



**Шукрона Бобоҷонова**
**донишҷӯи соли 2**

Имсол барои кишвари мо воқеан соли таърихӣ буда, дар ҷумҳури 30 - юмин солгарди Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ баргузор мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят мураккаби таърихӣ ташкил шуда, ҳаёти навини худро оғоз намуд. Дар назари аввал чунин менамуд, ки ҳокимияти сиёсӣ мувофиқи талаботи демократия барқарор ва суботи сиёсӣ дар кишвар таъмин шудааст, аммо муқовимати сиёсӣ хеле авҷ гирифта, гирдиҳамоиҳои моҳҳои апрел-майи соли 1992, таъсиси Ҳукумати муросои миллӣ, силсилаи зуровариҳо ва фишорҳо ба Сарвари давлат ва вакилони халқ, ниҳоят задухурдҳои дохилӣ оқибат боиси сар задани ҷанги шахрвандӣ гардиданд. Дар чунин шароити душвори сиёсӣ сухан дар бораи будан ва ё аз байн рафтани давлат мерафт, даъват намудани Ичлосияи XVI Шурои Олӣ ва аз буҳрони сиёсӣ баровардани мамлакат вазифаи аввалиндараҷа гардид.

Ниҳоят, 16 –уми ноябри соли 1992 дар қасри Арбоби ба номи Саидхуҷа Урунхӯҷаеви шаҳри Хуҷанди бостонӣ Ичлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ ба кори худ шуруъ намуд ва он то 2-юми декабр давом намуд. Рӯзномаи Иҷлосия 23 масъалаҳоро дар бар гирифта буд. Вазифаи асосие, ки дар он муайян гадида буд, ин ба Ватан баргардонидани гурезагон ва таъмини сулҳу субот дар кишвар, ризоияти саросарии ҷомеа ва ваҳдату ягонагӣ буд.



**АКОБИРЗОДА**
**Аҳмадшоҳ донишҷӯи соли 3**

Истиқлолият сарчашмаи рушду пешрафти давлатдории миллати тоҷик аст, ки дар ниҳоди худ ҳадафҳои олии миллӣ, таърихиро касб намудааст. Дар замоне, ки давлати абадқудрати Шӯравӣ вопасин рӯзҳои худро ба сар мебурд ва дар саросари қаламрави он оташи низоъҳои сиёси аланга мезад. 24 августи соли 1990 Иҷлосияи дуюми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи Истиқлолияти Ҷумхурии Тоҷикистонро пазируфт ва дар сарнавишти Тоҷикистон марҳилаи тозаи таърихиро ифтитоҳ бахшид. Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолият ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба ҷанги бародаркӯш рӯ ба рӯ гардид. Вазъияти шадиди иқтисодию молиявӣ Тоҷикистони тозаистиқлолро ба чандсолаҳо ақиб гузошт.

Ба имзо расидани Созишномаи тақдирсози истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба таври васеъ марҳилаи тозаеро дар ҳаёти сиёсиву иқтисоди ва маънавию фарҳанги оғоз кард.

Дар суханронии аввалини худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфта буд: “Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам”. Иҷлосияи 16-ум дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун гардиши куллӣ ба сӯи хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш, пойдории миллати тоҷик, шаклдиҳии давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дар Тоҷикистон ворид гардид.

Дар замони тазодҳои глобалии ҷаҳон, бозиҳои сиёсии кишварҳои абарқудрат, бухронҳои иқтисодӣ, истиқлолият сулҳу субот осоиштагии миллату давлат дурдонаи ноёб арзёбӣ мегардад. Ҳифзу ҳимояи якпорчагии ватани азизамон махсусан пос доштани муқаддасоти миллӣ, истиқлолияти давлатӣ қарзи ҳар яки мост.



**Мадина КУЛМАМАТОВА**
**донишҷӯи соли 3**

Замоне, ки фарзанди шарифу ватандӯсти халқ Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст Сарвари давлат интихоб шуд, Тоҷикистони тозаистиқлол рӯзҳои душворро аз сар мегузаронд. Эмомалӣ Раҳмон бо тадбирҳои хирадмандона ва ҷасорати фавқуллода кишварро аз фалокат берун овард, беш аз як миллион гурезаро ба ватан баргардонд ва мардуми парокандаро гирди ҳам овард.

Ба шарофати иродаи устувори Сарвари давлат барқарорсозии харобаҳои ҷанг ва бунёди иншооти азим, аз ҷумла шоҳроҳҳои автомобилгард, ки тамоми минтақаҳои кишварро мепайвандад ва шоҳроҳҳои муосир барои дастрасӣ ба бандарҳои баҳрӣ ва иртибот бо хориҷи дуру наздик оғоз гардид. Барои хизматҳои беназир барои миллати тоҷик Президенти шуҷои мо як қатор унвонҳои фахриро аз тарафи халқ соҳиб шудааст, ки аз маҳбубият доштанаш дар назди халқ шаҳодат медиҳад. Бо дарназардошти саҳми бузург дар эҳё ва таҳкими давлатдории навини Тоҷикистон ва пойдории сулҳ дар Тоҷикистон Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли ҷорӣ 1999 бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз гардидааст.

Ин матонату қаҳрамонӣ, ташаббускорӣ ва сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Тоҷикистон дар охири садаи 20 худро аз фоҷеаи миллӣ наҷот дода, истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид, халқи тоҷик пас аз ҳазор сол дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардид ва ҳоло онҳо ба сӯи оянда бехтар қадамҳои устувор гузошта истодаанд.

**Таҳияи Некрӯз САФАРЗОДА**